ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ





E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
www.anvor.tj №5 (359) 29-уми майи соли 2025, панҷшанбе (оғози нашр: соли 1994)

# ТАЪИНОТИ КАДРӢ ДАР ДОНИШГОҲ

ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ҚАРОР

аз 28 майи соли 2025 №309
ш. Душанбе

Дар бораи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» таъин намудани Сафарзода М.В.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад: Сафарзода Мунир Ватан ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» таъин карда шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон



## МУАРРИФИНОМА

**САФАРЗОДА Мунир Ватан (Сафаров Мунир Ватанович) таваллуд: 11 марти соли 1987, ш. Кӯлоб, в. Хатлон; тоҷик, маълумот: олӣ-муҳандис-барномасоз, иқтисодчӣ, номзади илмҳои педагогӣ (2014), дотсент (2020), омӯзгор, Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон, Аълочии фарҳанги Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи «Олими ҷавон-2013»-и Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон.**

**Сафарзода Мунир Ватан 11 марти соли 1987 дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Таҳсилоти ибтидоиро соли 1994 аз мактаби миёнаи №5 шаҳри Кӯлоб оғоз намуда, солҳои 1996-2000 дар Литсейи №1 ба номи Исмоили Сомонии шаҳри Кӯлоб, аз соли 2000 таҳсилро дар Литсейи муштараки тоҷикӣ-туркии ш.Кӯлоб идома дода, онро соли 2005 бомуваффақият хатм намудааст.**

**Соли 2005 ба Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб (ҳозира Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш. Кӯлоб) дохил шуда, соли 2010 онро бо ихтисоси Муҳандис-барномасоз муваффақона хатм кардааст. Соли 2014 ба факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (таълими ғоибона) дохил шуда, онро соли 2016 аз рӯи ихтисоси иқтисодчӣ хатм кардааст.**

**Солҳои 2010-2011 ҳамчун тарҷумони Ташкилоти ғайридавлатии «Заршедабону», 2011-2012 ассистенти кафедраи информатика ва технологияи иттилоотии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, 2012-2013 мутахассиси маркази бақайдгирӣ ва НКТ-и ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, 2013-2014 сармутахассиси маркази бақайдгирӣ ва НКТ-и ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, 2014-2016 декани факултети иқтисод ва идораи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, 2016-2019 декани факултети физика ва математикаи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, 2020-2022 сардори маркази таҳсилоти фосилавии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, 2022-2023 мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, 2023-2025 дар вазифаи муовини ректори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ оид ба тарбия фаъолият намудааст.**

**Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2025 №309 ба вазифаи Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» таъйин шуд.**

**Мавзуи таҳқиқоти илмии дотсент Сафарзода М.В. ба масъалаи таъсири моделсозии компютерӣ ба рушди тафаккури мантиқӣ, эҷодӣ ва таҳлилии хонандагон равона гардида, дар ин ҷиҳат омӯзиши роҳҳо ва усулҳои самараноки истифодаи моделсозии компютерӣ дар раванди таълим, махсусан дар фанҳои дақиқ ва технологӣ, барои такмили малакаҳои ҳалли масъалаҳои компютерӣ ва таҳкими савияи маърифатии хонандагонро дар бар мегирад. Соли 2014 дар мавзуи «Моделсозии компютерӣ ҳамчун омили муҳими ташаккули тафаккури хонандагон барои ҳалли масъалаҳои компютерӣ» таҳти роҳбарии доктори илмҳои физика-математика, профессор А. Комилӣ ва номзади илмҳои педагогика, дотсент Ш.Юнусов рисолаи номзадӣ дифоъ намудааст. Муаллифи 4 монография, 6 васои- ти таълимию дастури методӣ ва беш аз 80 мақолаи илмӣ мебошад.**

**Дотсент Сафарзода М.В. барои хидматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас, тайёр намудани кадрҳои болаёқат, иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ, бо нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон», “Аълочии фарҳанги Тоҷикистон” (2018); барои дастовардҳои илмӣ бо Ҷоизаи «Олими ҷавон-2013»-и Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, Ифтихорномаю Сипосномаҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва раёсати донишгоҳ қадрдонӣ гардидааст.**

**Оиладор, соҳиби 3 фарзанд мебошад.**

Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хома шуд,
Халқи моро дафтари Айнӣ шаҳодатнома шуд. Б.Собир

Анвори дониш
№5 (359), ПАНҶШАНБЕ, 29.05.2025

# САДРИДДИН АЙНӢ



*САЙМУМИН ЯТИМОВ, профессор*

## МУҚАДДИМА

**Муҳимтарин масъалае, ки устод Садриддин Айнӣ ҳаёти худро ба ҳаллу фасли он сарф намудааст, тарғиби зарурати донишандӯзӣ, маърифаткунонии саросарӣ, ташвиқи оммаи мардум барои расидан ба истиқлоли руҳиву равонӣ ҷиҳати ноил гаштан ба пирӯзии инқилоби маданӣ, таъсис, рушд ва пойдории давлати миллии тоҷикон буд.**

Мутаассифона, дар шароити кунунӣ, агар бо такя ба принсипи таърихии дарки воқеияти ҳастӣ муҳокимаронӣ кунем, раванди ташаккули мафкураи қисме аз насли ҷавон самти диалектикии инкори баръакс - бухрони хавфноктар аз замони Айниро касб кардааст.

Ҷаҳонбинӣ ва идеологияи хурофотӣ сабаб гашт, созмонҳои экстремистиву террористӣ давра ба давра шакл бигиранд. Ҳалқаҳои махфии он тамоюл ва имконоти барои давлати миллӣ хатарзои афзояндаро аз худ нишон диҳанд.

Ин ҷараёнҳои махлут бо ифротгарой дар ягон давр чунин вусъати паҳншавӣ надоштанд, агар даҳшати замони ҷанги шаҳрвандиро истисно кунем.

Омилҳои аслии фоҷиа аз камбуди тарбия дар шароити оила (1), нотавонии мактаб (2), заифии муҳити маънавӣ (3) ва инфрасохтори ташаккули ҳисси ватандории баробарвазн ба ҷаҳонбинии таассубгароёна (4), адами масуният (иммунитети) ақидавӣ дар муқобили тахрики ғояҳои зиддимиллӣ (5) сарчашма мегиранд.

Маълум аст, ҷаҳонбинӣ маҷмуи систематикунонидашудаи муҳтавои руҳи инсон - ангезандаи вокуниши амалии ӯ нисбат ба муҳити атроф аст. Маҳз ҳамин ҷавҳар воқеиятро ба тарзи идеалӣ дар худ инъикос мекунад. Баҳогузорӣ, ҳамзамон нақшаи тағйири онро тарҳрезӣ менамояд. Тимсоли (образи) вазъ ва намунаи оянда чунин дигаргуниро дар ақли худ ҷой медиҳад. "Мебинад". Роҳу восита ва усули бамақсадрасиро интихоб мекунад.

Бидуни шак, тафсири мазкур ифодаи классикии таърифи шинохти табиат, ҷамъият ва тафаккур аст. Муҳим ба назар мерасад, ки ҳангоми арзёбии инкишофи ҷаҳонбинии узви ҷомеа, дар маҷмуъ, шуури ҷамъиятӣ, формулаи ёдшуда мадди назар гирифта шавад. Махсусан, вақте сухан дар бораи ҷараёни ифротишавии ҷомеа, оқибатҳои на чандон дур ва агар пешгирӣ нашавад, фоҷиабори он равад.

Адабиёт муҳимтарин воситаи ташаккули руҳ, ҷаҳонбинии воқеӣ - муассиртарин василаи сохтани давлати миллӣ аст. Агар ин амал бо дарки интихоби мавзуи рӯз, ҳамчун ниёзи иҷтимоӣ - таърихӣ, мақсаднок, устодона, нишонрас, ба умеди ноил гардидан ба натиҷаи меҳнати нависанда тарҳрезӣ ва анҷом шавад. Чуноне ки мо онро дар эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ мебинем.

Мавзуи баҳси мо, тавассути хотиррасон кардани заҳматҳои эҷодии ин нобиғаи илм ва каломи бадеӣ, кӯшиши наздик кардани адибон ва адабиёти муосир ба дарки ҳолати бухронии руҳиву равонӣ ва воқеияти вазъи маънавии қисме аз аъзои ҷомеаи имрӯза мебошад. Зеро муътакид ҳастем: "Суханҳо ҳеҷ арзише надоранд, агар идеяҳоро ифода намуда, бо далелҳо зарурат ва ҳақиқати онҳо исбот нагарданд" (В.Г. Белинский. Собрание сочинений. Т.8. - М.: 1982. - С.107).

### ЗАРУРАТИ ИҶТИМОИИ АЙНИШИНОСӢ

Аз давраи ба истиқлоли давлатӣ расидани миллати тоҷик чанд даҳсола сипарӣ гашт.

Таърихи навтарин бори дигар исбот кард, халқ замоне соҳибдавлат мегардад, ки шароити ногузир ва бебозгашти аз кашмакашҳои дохилии ҷомеа раҳо шудани хешро ба куллӣ эҳсос намояд (1), руҳ, маънавиёт ва соҳибиродагии сиёсӣ нишон диҳад (2), шароити таърихӣ ба он созгор ояд (3) ва сарвари кудратманди дорои сифатҳои фавқулода дошта бошад, ки таъсис, ташкил ва раҳбарии давлатро ба уҳда бигирад (4), дар фаъолияти сиёсӣ нақша ва ормонҳои тамаддунии миллатро собитқадамона амалӣ созад (5).

Ба бахти таърихии халқи тоҷик дар вазъи фоҷиабор, ки Тоҷикистон на ҳамчун мафҳуми ҳуқуқии давлат, балки дар доираи истилоҳи ҷуғрофиёии мамлакат ҳанӯз ҳам арзи ҳастӣ менамуд, Пешво, саробон ва роҳнамои худро пайдо кард.

Ӯ тавонист шароит, захираҳои маънавӣ ва моддии мардуми хешро ба хотири баркарории давлат, таъмини сулҳу субот, рушду тараққии он хирадмандона сафарбар кунад. Давлати мустақили барои таъмини ниёзҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маданӣ комгор ва дар муносибати байналхалқӣ соҳибихтиёр барпо намояд. Ба тарзи дигар, бунёди муассисаи ҷавобгӯ ба манфиатҳои миллиро, бо назардошти шароити рақобатҳои пешгӯинашавандаи геополитикӣ, асос гузорад ва устувор созад.

Дуруст аст, "ёдварии давлат набояд чизи дигаре бошад, ғайр аз рӯйдодҳои муассир. Давлат муҳокимаронӣ намекунад. Ҳарф намезанад. Аз худ фаъолияти натиҷаманд нишон медиҳад". (В.Г. Белинский. Т.4. - М.: 1954. - С.7). Ин аст табиати таъйиноти принсипалӣ ва императивии давлат.

Аммо яке аз классикони фалсафаи эмпиризм меомӯзад: "Инъикоси табиатро дар тафаккури инсон бояд на ба тарзи "шахшудамонда", на ба тарзи "номуайян", на бидуни ҳаракат, на бидуни зиддият, балки дар шакли абадии ҳаракат, рух додани зиддиятҳо ва ҳаллу фасли онҳо фаҳмидан лозим аст" (Иқтибос аз асари Л. Живкович. Теория социального отражения. -М.: Прогресс, 1969. - С. 49).

Собиқ давлати пуриқтидори дар шашяки рӯйи замин истиқрор, ин қонунмандии диалектикиро сарфи назар кард. Шикаст хӯрд. Аз харитаи сиёсии олам нопадид гашт.

Дар алоқамандӣ бо чунин воқеият, дар шароити кунунӣ масъалаи ҳифз ва афзун гардонидани дастовардҳои муҳимми замони Истиқлол аз мавзуъҳои марказии давлатдорӣ ба ҳисоб меравад.

Аммо дарки ҳақиқати воқеӣ ва тибқи он ноил гаштан ба пешрафт ва муваффақият, дар роҳи рост муяссар намегардад. Тибқи ифодаи мантиқии Аристотел дар асари машҳураш "Сиёсат", давлат мебояд раванди ташаккули мафкураи сиёсии аҳли ҷомеаро мадди назар бигирад. Ба он таъсиргузор бошад.

Дар ин маврид, формулаи ҳолати муайянкунандагӣ доштани ҳастӣ нисбат ба руҳ ва ҷаҳонбинӣ, зуҳуротеро касб кардааст, ки мутаассифона, дараҷаи донишу хиради қисме аз аъзои ҷомеаи мамлакатҳои мусулмоннишин ба фаҳми муҳтавои найрангҳои геополитикӣ намерасад. Ба осонӣ, дар кӯтоҳмуддат онҳоро раҳгумзада мекунонад. Аз манзалати истифодабаранда ва ҳимоякунандаи манфиатҳои миллӣ, "дареғу дард, ки ғофил зи кори хештан" (Ҳофиз), ба унсури истифода ва роҳбаришаванда ҳамчун усулу восита мубаддал мегардад.

Ба ин мантиқ, сухани Уинстон Черчил шоистаи ёдварист. Ӯ дар оғози Ҷанги дуюми ҷаҳон, дар хусуси нафари ташаббускори он, бо таассуфу нафрат, изҳор дошта буд: "Бубинед, як ефрейтор тамоми дунёро ба даҳшат овард".

Сухан сари муаммоест, ки ҳамагӣ чанд ашхоси ҷаҳолатпешаи аз мантиқи миллат ва манфиатҳои миллӣ, давлат ва давлатдорӣ ноогоҳ, бар болои "ҷумҳурии мардумаш саросар босавод", чунон мушкил эҷод карданд, ки ҳазорон назарёфтӣ, олим, мутафаккир ва сиёсатмадору давлатдор дар посухгӯйӣ ба он суолот лол монданд.

Сабаби ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон низ, аз ҳамин ҳақиқат иборат буд.

Боиси таассуф аст: "Таърих ба инсон меомӯзад, ки инсон аз таърих чизеро намеомӯзад" (Г.В.Ф. Гегель. Лекции по философии. - Санкт-Петербург: 2000. - С. 55).

Акнун ҳамарӯза шоҳиди он муаммое ҳастем, ки ҷаҳолат, таассуб, торикӣ, бефарҳангӣ, нодонӣ, чорагарӣ, бедонишиву носипосӣ, осоиш аз омӯхтан, илмситезӣ ва натиҷаи он оқарманӣ - ҳанӯз ҳам дар ҳазор шакли хурофот дар муқобили сохти давлатдорӣ, донишситоӣ, ақлгароӣ, нексиголӣ, додгарӣ, ватанпарварӣ, хидматгузорӣ ба халқу миллат, рисолатшиносӣ, ҳушмандӣ, балоғатсолорӣ, номусгароии аҳли Аҷам мубориза ошкору пинҳон мебаранд. Дар олами ғаразпарвар растагор меҷӯянд. Пуштибон меёбанд. Гоҳе муваффақ ва дастболо мешаванд.

Тули асрҳо мушкили аслӣ ва фоҷиабори миллати тоҷик ҳамин буд ва ҳаст.

Ба ҳамаи ин суолҳо дар осори ҷовидонаи Садриддин Айнӣ посух ёфтан мумкин аст. Онҳо дастур ва роҳнамои маорифи халқ мебошанд, на танҳо барои Вазорати маориф.

### САДРИДДИН АЙНӢ - САРЧАШМАИ МАЪНАВИИ ТАЪСИС ВА ТАҲКИМИ СОХТИ ДАВЛАТДОРӢ

Масъалаи муҳтаво, руҳ, мантиқ, мундариҷа ва маънавиёти миллӣ истилоҳоти мураккаб ҳастанд. Агар мо онҳоро ҳамчун мафҳум, категория ё дефинитсия истифода карданӣ бошем. Агар мо бо ин "силоҳ" вориди баҳс шуданӣ бошем.

Дар яке аз мусоҳибаҳои охирин, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муҳаққиди барҷаста Соҳиб Табаров коромад, сифат, мундариҷаи адабиёти пешин ва муосирро бо ҳам муқоиса карда, аз ҷумла, мегӯяд:

"...бо вуҷуди ин мани 23-соларо соли 1947 ба аъзогии Иттифоқи нависандагон пазируфтанд. Он вақт иттифоқ 33 аъзо дошт. Ҳоло 400-500. Он вақт ҳар сол, ақаллан, 10-15 асари нағз ба дасти хонанда мерасид. Аммо имрӯз дар 10-15 сол як асари хуб ҳам ба майдон намеояд. Имрӯз ҳама узви Иттифоқ...

Канӣ шумо ду се адиби замони Истиқлолро ба ман гӯед, ё китобашро ба ман оред... ман кӯру кар. Асарашро баланд - баланд хонед. Ман фаҳмам. Ана баъд мебинем. Наметавонед! Зеро нест!" (Ҳафтаномаи "Тоҷикистон", №15. 15.04.2015)

Ба гуфти В.Г. Белинский, асар ҳамон аст, ки хонанда онро на кам аз ду бор, батакрор, бо иштиёқ хонад. Ва ба дигарон бо завқи баланд қисса намояд.

Дар муддати сад соли мавҷудияти Тоҷикистон ҳамчун истилоҳи сиёсӣ, муҳтаво ва ҷараёни ташаккулёбии шуури миллӣ аз мавзуъҳои марказии қаламбадастони ватанпараст маҳсуб мегардид.

Сарфи назар аз камбудиҳо, адабиёти бадеӣ, матбуот, васоити ахбори умум, дар маҷмуъ, дар ин ҷараёни масъулиятноки таърихӣ нақши мусбат доштанд.

Албатта, иҷрои муваффақонаи ин вазифа кори саҳл нест.

Қудрати нависанда, тавоноии ӯ дар истеъдод (1), донишу хирад ва фазилати (2) ӯст. Асоснокии ин фарзияро академик будани нависандагони бузург Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Чингиз Айтматов ва баъзе аз қаламкашони сатҳи ҷаҳонӣ тасдиқ мекунад.

Адабиёт илм аст. Нависандаи ҳақиқӣ олим. Ӯ медонад, ки адабиёт ҳам шакли фаъолияти пурмуҳтавои ҷомеаи инсонист. Мақсад аз он омӯхтан, тадқиқи оламу одам, тафаккур, равандҳои ҷомеа, ҷараёнҳои табиат ва қонунмандиҳои тараққиёти онҳост. Баръакс, ба адабиёти воқеънигорӣ ҳеҷ зарурат намемонд, агар байни зуҳурот ва моҳияти раванди ҳастии ҷамъиятӣ номуайянӣ, нофаҳмӣ, мавҳум ва тазод вуҷуд намедошт.

Шарт нест, ки адиб аз доираи салоҳияти худ берун ва ба илм машғул шавад. Не. Аммо ӯ бояд донишманд, то дараҷае энсиклопедист бошад. Дар ин маврид, дониш ба сифати тасаввуроти илмӣ мадди назар аст. Агар хоҳад, ки асари хотирмон ва барои ҷомеа судманд эҷод намояд, то "аз боду борон, наёбад газанд".

Бартарии Садриддин Айнӣ дар кори эҷодӣ, дар замири як шахс тавъам омадани хотироти таърихӣ, истеъдоди камназири нависандагӣ бо донишмандӣ бузурги илмҳои таърих, мардумшиносӣ, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва руҳшиносист. Баркамолӣ ва безаволии асарҳои бадеии ӯро низ сабаб ҳамин аст. Ин хосиятро дар ҳар шакл нависандагони машҳури олам, аз ҷумла, Уилям Шекспир (1564 -1616), Иоган Волфанг Гёте (1749 - 1832), Оноре де Балзак (1799 - 1850), Лев Толстой (1828 -1910), Робендранат Такур (1861 - 1941) нишон дода буданд.

Бидуни шак, Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи онҳост. Ҳамзамон, афзалияти ин абармард нисбат ба дигарон дар матонат, ҷасорат, аз худ гузаштанҳо, мубориз будан ва руҳияи инқилобӣ доштани ӯст.

Садриддин Айнӣ медонист, ки натиҷаи муборизаи ҳазорсолаи миллати тоҷик ба муқобили нимғуломдорӣ тавассути Инқилоби Бухоро, мисли ҳадияи таърих ба орзуву омол ва фаъолияти ҷоннисоронаи халқи ӯ амалӣ гардид. Мутафаккир, ҳамчун фарзанди намаксипос, ки аз хислатҳои ҳамидаи халқи бузургаш аст, ин инқилобро бо ташбеҳи "машъали рахшони адолат" ва "мурғи ҳумо" васф кард. Ҷавонмардона, бе дудилагӣ дар олами ақибмондаи хатарнок, пешгӯинашавандаи сиёсӣ ва иҷтимоии асримиёнагии Шарқ, худро шогирди чилсолаи Инқилоб эълон намуд. Инқи-

лобе, ки асли онро дунявият ташкил мекард.

Худи Айнӣ, вобаста ба замон ва муҳити ба камол расиданаш, имкони даст ёфтан ба адабиёти илмӣ, ки инқилоби иҷтимоиро ҳамчун дигаргун кардан, барҳам задан, шикаст додани формацияи иҷтимой-иқтисодии куҳна, ба минбар нишондани низоми пешбар, мутараққӣ ва инсонмеҳвар тафсир мекард, надошт.

Дар шароити Бухорои асримиёнагӣ чунин табақаи иҷтимоӣ, назарияи илмӣ ва шуури инқилобӣ аз худ дарак ҳам намедод.

Дар чунин ҳолат, Айнӣ ҳама гуна дигаргуниҳои иҷтимоиро дар натиҷаи амалҳои фаъол ва таъсирбахши маорифпарварона - инқилоби маданӣ тасаввур мекард ва медид.

Аз лиҳози дигар, агар Айнӣ Аҳмад - махдуми Донишро "доҳии модарзод" номида бошад, худи ӯ низ аз ҷумлаи нобиғагони банӣ башар буд, ки қобилияти ирсӣ, табиӣ ва фавқулодаи дарки воқеияти ҳастиро дошт. Бидуни инқилоб ҳам, то дами марг рисолати худро мисли Гомер, Шекспир, Гёте, Байрон, Мартин Лютер ва дигар қаҳрамонони миллатсоз иҷро мекард. Як шахсияти одӣ набуд.

Дар шароити хатари марговар ба ӯ ва ҷигарбандонаш, ду сол қабл аз Инқилоби Бухоро, ҳанӯз соли 1918, бидуни такязоу пуштибон сохти амириро рӯирост чун "хонаи бедоду ситам", "маҳкамаи ҷабр" маҳкум, "он қозиву муфтиву он шоҳу вазир"-ро орзуи сарнагун кардан дошт. Ҳамчун инқилобчӣ мардонавор қад барафрохт. То охири умр ба



бо маъхазҳои асосии инсонпарваронаи адабиёти классикӣ оғоз аз Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Умари Хайём, Носири Хусрав, Низомии Ганҷавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Сайидои

Ба хулосае омад, ки ягона роҳи озодӣ, аввалан, дар тағйири моҳият ва мундариҷаи ҷаҳонбинӣ, руҳиву равонӣ - дар истиқлоли зеҳни инсон аст. Бидуни он озодии воқеӣ ва ояндасоз хобу хаёлу шиору орзуе беш нест (4). Ва ин дастовард, танҳо тавассути рӯ овардан ба

ёти миллии бошахсият, анъана ва урфу одати тоҷикиро асос гузорад. Ба истилоҳҳои "халқ", "миллат", "манфиатҳои миллӣ" ҷон бахшад.

Айнӣ аз аввалин адибони миллии воқеиятшинос буд. Кӯшид, ба одамони одӣ сабаб ва воситаи раҳоӣ аз мушкилоти фоҷиабори иҷтимоиашро фаҳмонад. Онҳоро ба бесуботии тафаккури афсонавии "малакутӣ" (оламӣ фариштаҳо), дом ва доди бедоди гирёлуди идеологияи шикоятомези нотавонӣ, оҷизӣ, ночорӣ, дармондагии дастҳо сӯйи "фалак" (осмон, тақдир, гардише, ки инсон дигар наметавонад дар он нақш дошта бошад, маҷбур аст ба чунин қисмат тан диҳад) муътақид созад. Фаҳмонад, ки озодӣ ва шоистасолории инсон фақат аз Ақл, Хирад, Илму Дониш ва рафторҳои заминии ӯ вобастагӣ доранд.

Нобиғагӣ ва заковатмандии толибилми мадрасаи Бухорои асримиёнагӣ дар он буд, ки дарк кард, арзиши дониш дар муносибат ва муқоиса ба воқеияти ҳаёт санҷида мешавад. Ва дараҷаи муҳиммияти ҳама гуна назария дар алоқамандӣ бо таҷрибаи зиндагист.

Шогирди солманди Инқилоби навини иҷтимоӣ нисбат ба худ ва пайравон ниҳоят серталаб буд. Таъкид менамуд, сухани бадеӣ ҳеҷ чизеро ифода намекунад, агар он ормону орзу ва афкори пешқадамеро тафсир ва тасвир нанамояд. Муътақид накунонад. Одамро ба шахсият мубаддал насозад. Посухгӯи ниёзҳои иҷтимоии давр набошад.

Чунин эътиқодмандӣ на танҳо дар асарҳои бадеӣ, илмӣ ва илмӣ-таърихии Айнӣ, балки дар мукотибаҳои ӯ бо аҳли

# ВА ИНҚИЛОБИ МАДАНӢ

муқобили ҷаҳонбинӣ, руҳу маънавиёти миллаткуш ва урфу одати боқимондаи замони куҳан мубориза бурд.

Бидуни шак, "Ҳар як инсон таърих дорад. Шахсро дар ин таърих лаҳзаҳои хатарнок ҳамроҳӣ мекунанд: дар бораи одам бошад, фақат ҳамон вақт бехато муҳокимаронӣ кардан мумкин аст, ки ӯ дар он асно чӣ тавр фаъолият кард, чӣ гуна рафтор нишон дод, вақте ки дар ду паллаи тарозу ҳаёту мамот, шаъну шараф ва хушбахтии ӯ меистоданд.

Чӣ қадар инсон баландмоя бошад, ҳамон қадар таърихи вай пуршукӯҳтар, лаҳзаҳои хатаровар бароаш даҳшатбортаранд. Ҳамзамон, берун гаштан аз чунин ҳолати фалокатбор барои ӯ ҳамон қадар тантанавор ва ба дараҷаи баланд муяссир ҳастанд. Ҳаёти чунин шахс ба ҳаёти халқаш тавъам меафтад" (В. Г. Белинский. Собрание сочинений. Т. 2. - М.: Художественная литература, 1977. - С. 138-139).

Садриддин Айнӣ фақат баъди инқилоб ҳамсони худро дар шахсияти Абулқосим Лоҳутӣ пайдо кард. Аз рӯйи дарку қобилият ва ҷавонмардиву матонат, сарсупурдагиву садоқат, дӯстӣ дар парешонҳоливу дармондагии худро дарёфт.

Руҳи инқилобии Лоҳутӣ ҳам ба Айнӣ бетаъсир намонд.

Садриддин Айнӣ, ба ғайр аз ҷаҳонбинии динӣ - схоластикӣ, боз ба вуҷуд доштани назарияи дигар - нақши инсони донишманд дар дигаргунсозии ҳаёти ҷомеа ниёз дошт. Ва аз адабиёти дастрас ба ҳамин суолҳои худ посух меҷуст.

Албатта, баъдан ин дастоварди маънавӣ дар суханони Садриддин Айнӣ иброз гаштааст.

Аммо раванд ва воқеияти ташаккули шахсияти худи мутафаккирро ҳам бояд ба инобат гирифт. Ҳамчун ҷавонмарди ташнаи дониш, то замони шиносоӣ бо эҷодиёти Аҳмади Дониш, Айнӣ

Насафӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил ва даҳҳо мутафаккирони бузурги таърихи ҳазорсолаи адабиёти тоҷик шиносоии баркамол дошт. Ва баҳраварии эҷодкорона аз мафкураи таърихӣ - ҷоннисориҳои абармардони майдони сиёсат ва ақидаҳои маорифпарваронаи адабиёти классикӣ - тамаддуну фарҳанги ниёгон, оқибат ҳимоя кардан ва ба истиқлол расидани миллатро тавассути ин нависандаи баркамол ва дигар ҷавонмардони муборизу фидоӣ сабаб шуд.

Ҳамзамон бо ин, асарҳои равшангаронаи Аҳмади Дониш, ҳамчун дидгоҳи бозбинии замони истибдоди амирӣ, ҷамъбасти мантиқӣ ва ифодакунандаи вазъи ҷаҳонбинӣ ва фазошиносии давр, такони ҷиддӣ барои дарк ва инъикоси воқеияти замони Айнӣ махсуб мегарданд.

Таърихи таҳаввули ҷаҳонбинӣ ва афкори миллати тоҷик дар тули ҳазор сол, бори дигар исбот кард, ки руҳ, маънавиёт, дидгоҳ, нуктаи назари сиёсӣ, ки онро дар маҷмуъ, идеология ном мебаранд, хосияти иманентии диалектикӣ надоранд. Он аз воқеият, ки амали мақсаднок ва бошууронаи инсон, аз муҳимтарин ҷузъи он мебошад, вобаста аст.

Оғоз аз ҳамин нуқтаи дарк ва камоли андеша, муборизаи ақидавӣ ва инқилобии Айнӣ мухтавои баробарвазн ба воқеият гирифт.

Дар ин маврид, Айнӣ муносибати худро ба ҳукумати амирӣ аз лиҳози мавкеъгирии сиёсӣ комилан тағйир дод (1). Хурофотро ҳамчун усул, восита, ҳамсафар ва ҳимоятгари аслии маънавӣ ва ҷисмонии ҷинояткори амирӣ бар зидди оммаи мардуми ноогоҳу бесарпаноҳ шинохт (2). Донист, ки идеологизми таҳмилӣ ва урфу одати аҷнабиён, дар иён ҳолат наметавонад созгори имрӯзуояндаи босубот ва умедбахши халқи азияткашидаи тоҷик бошад (3).

илм, босавод кардани оммаи мардум (5) ва баҳраварӣ аз нуктаи бунёдӣ, такягоҳӣ - таърих ва тамаддуни миллати ӯст. На афсона ва тахайюли дигар (6).

Ин ақидаҳои барои миллат ҳаётбахшро Садриддин Айнӣ дар тули умри бобаракати худ ҳам бо сухан, ҳам бо қалам ва ҳам бо қадам исбот кард.

### АЙНӢ - ДОҲИИ АДАБИЁТИ НАВИНИ ТОҶИК

Садриддин Айнӣ дар таърихи тоҷикон, аз ҷумла, дар мураттабсозӣ, муаррифӣ, рушди адабиёти он сармашқ, абармард, воломақом, соҳибдафтар, баландҳиммат, Рустами таърихсози миллат, муҳандис ва бозофарандаи забони адабии ҳозираи тоҷик, масъулиятшинос, инқилобчии матин, озодихоҳ, муҷассамаи бузурги ҳувияти миллӣ буд, ҳаст ва мемонад.

Дар давраи навини Истиқлоли давлатӣ, ки худшиносии миллӣ аз муҳимтарин масъалаи суботи давлатдорист, ҷойи Айнӣ ҳамчун олим ва адиби мубориз холист.

Дар оғози асри гузашта, Айнӣ бо вуҷуди маҳдудияти зимом ва тангии замон, дар байни обу оташ роҳи зиндагии худро интихоб кард.

Аммо дар ин маънӣ Айнӣ мисли худ ҳамфикру ҳамақидаи якдилу рӯинтан надошт.

Ба дарбор ҳамчун шоир даъват гардид. Онро рад кард. Нахост қаҳрамони ягонаи ба миллати худ бегона бошад. Дар сахтиҳо дилшикаста нашуд. Мубориазашро идома дод. Ба оммаи мардуми бесаводи азияткашида, маҳкум ба бадбахтӣ ва "тири фалак" хӯрда муроҷиат намуд. Онро омӯхт. Қаҳрамон интихоб кард. Хост мардумро ба худи мардум шиносонад. Онҳоро оинаи якдигар қарор бидиҳад. То фаҳманд, ки ҳазор соли бандагӣ, адами истиқлол онҳоро ба чӣ аҳвол рӯ ба рӯ кардааст. Хост адаби-

илму адаб ҳам ба назар мерасад. Ин мактаби нави адабиёт ва адабиётшиносии тоҷик буд.

Барои мисол, таваҷҷуҳ карда шавад, ба як номаи ватандӯсти беамсол, ниҳоят пуркору масруфу гирифтору масъулиятшиносу фаъол, ки умре ба хурдтарин зуҳуроти ҷаҳонбинии миллӣ бетарафӣ накарда, аҳаммият додааст. Фурсат пайдо карда, онро баҳогузорӣ ва хулосабарорӣ намудааст. Мутаносибан, барои ислоҳи вазъи тарбия дар мактабҳо, мундариҷа ва мухтавои ҷаҳонбинии муаллимон тавсияҳо манзур сохтааст:

"Ман дар бораи аз ҳама ҷо дар Ленинобод зиёд будани хурофоти динӣ ба шумо як мисол нишон медиҳам. Дар тобистони соли 1946 ба Самарқанд як студенти ленинободӣ, ки дар Москва таҳсил мекунад, омад. Аз рӯйи шуниди ман, он студент бародари хурдтараки худро, ки «кокулаш ба Шоҳи Зинда назр будааст», гирифта овардааст, то ки гӯсфанде харида, ба сари мазори мазкур бурда кокули бародарашро тарошонад.

Ин корро ягон касе аз аҳолии ҳозираи Самарқанд ва Бухоро намекунад. Ин факт ҳаминро нишон медиҳад, ки агар шумо бинои сари мазори шайх Маслаҳатро вайрон карда партоед ҳам, хурофотпарастон аз ҷоҳои дур ҳам бошад, барои қонеъ кунонидани орзуи хурофотпарастии худ, мазоре меёбанд ва инчунин ин факт ҳаминро ҳам нишон медиҳад, ки дар Ленинобод - дар мактабҳо ҳанӯз тарбияи советӣ-коммунистӣ дуруст ба амал монда нашудааст, вагарна як студент ин корро намекард.

**Давом дорад.**

***Бознашр аз маҷаллаи академии илмӣ-оммавии "Илм ва Ҷомеа", №2 (40), 2025***

Зиндаву ҷовид монд, ҳар кӣ накӯном зист,
К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро. С. Шерозӣ

Анвори дониш
№5 (359), ПАНҶШАНБЕ, 29.05.2025

## БА ИСТИҚБОЛИ ҶАШНИ 80-СОЛАГИИ ДОНИШГОҲ

# ҶУМЪА ШАРИФОВ-СИМОИ РАВШАНИ ИЛМУ МАОРИФ



Аҳли омӯзгорон, толибилмон ва донишмандони соҳаи маорифи Тоҷикистон 4 сол пеш 80-солагии таваллуди Ҷумъа Шарифовро қайд намуданд. Ҷумъа Шарифов яке аз педагогҳои эътирофгашта, олими дурандеш, хушгуфтору хушрафтор ва нозуктабиат буд.

Соли 1958 шиносоии аввалини мо дар Донишкадаи давлатии Кӯлоб сурат гирифт. Аз он вақт солҳои зиёд сипарӣ шуд. Ҷумъа Шарифов дар курси дуюм таҳсил мекард. Ба ёд меорам, ки дар гурӯҳи онҳо чӣ қадар ҷавонони илмдӯсту қобилиятнок таҳсил мекарданд: Қурбонов Р. (аз н. Комсомолобод (Нурободи имрӯза)), Ҳазратқулов Н. ва Ҳошимов (аз н. Совет (ҳозира Темурмалик)), Акбаров Р. (аз н. Муминобод) ва дигарон.

Байни донишҷӯён ҳарзамон мусобиқаи масъалаҳалкунӣ (ба вижа аз таҳлили математикӣ) барпо мешуд. Аудиторияҳо ҳамеша пур аз донишҷӯён буд. Ҳар кадом: Акбарову Қурбонов, Ҳошимову Шарифов ва дигарон дар ҳалли масъалаҳо оқил будани хешро нишон медоданд. Амали онҳо барои донишҷӯёни курси якум намуна буд.

Ба донишҷӯёни курсҳои якум ва дуюм ҳамон як ҳайати омӯзгорон: Қодиров Х. ва Азизов С.А. (аз таҳлили математика), Раҳмонов Ш., Исломов М. ва Чиликина Г. (аз геометрия), Умаров Ш. ва Токарева (аз алгебраи олӣ), Конкова И.П. (аз забони англисӣ), Султонов М. (аз физика) ва ғайраҳо дарс мегуфтанд. Аз ин рӯ, онҳо дар муқоиса ҳамаи шогирдонашонро хуб медонистанд.

Устодони мо унвони илмӣ надоштанд, аммо бо гузашти солҳо, аз диди ирфонӣ, аз рӯи маҳорат, истеъдоди педагогӣ, серталабӣ ва эътиқоду бовариашон ба донишҷӯён - муаллимони оянда месозад, ки онҳоро - воқифони асрори математикаро олимони комили касби худ номид. Охир, аз мактаби таълимдодаашон, шогирдони ҳамонвақта Акбаров Раҳмат (д.и.п., профессор), Ислом Ғуломов (д.и.п., профессор - муаллифи ин сатрҳо), Ҷумъа Шарифов (д.и.п., профессор) ва дигарон донишмандони намоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз кишварамон гардидаанд. Ин ҳолати ғайричашмдоштро чӣ тавр маънидод бояд кард?

Қабл аз ҳама, талаботи аҳолӣ ба маълумоти олӣ хеле баланд буд. Маълумоти олӣ қадр карда мешуд, арзиши бебаҳо дошт. Ба ёд меорем конкурсҳое, ки мактабҳои олӣ ба мақсади интихоб карда гирифтани довталабон мегузарониданд. Ба беҳтаринҳо унвони донишҷӯ насиб мегардид.

Ана, дар ҳамин шароит, дар вазъияте ки бо қобилияти миёна сазовори донишҷӯи мактаби олӣ шудан басо душвор буд, Ҷумъа Шарифов сарбаландона донишомӯз шуд.

Ӯ соли 1962 донишкадаро хатм кард. Фаъолияти омӯзгориашро дар ноҳияи Комсомолобод оғоз намуд.

Барҳам додани Донишкадаи Кӯлоб ва идомаи минбаъдаи корӣ моро ба муддати шаш сол аз ҳам дур кард. Баъди ду соли ҳамкорӣ дар кафедраи математика ва баргаштани камина аз хатми аспирантураи ДДОТ ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло С.Айнӣ) соли 1971 ҳарду ғофил аз сарнавишт дар факултаи физикаю математика фаъолияти омӯзгориамон идома ёфт. Ҷумъа Шарифов он вақт вазифаи мудири кафедраи методикаи таълими математикаро иҷро мекард. Маълумам гашт, ки ӯ устуворона майлу рағбати пажӯҳиш дорад, мехоҳад дар соҳаи педагогика ва методикаи таълими математика таҳқиқот барад; адабиёти зиёд ҷамъ овард, реферат навишт ва ба кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Т.Г. Шевченко пешниҳод намуд.

Ҳамон солҳо (ба вижа соли 1972) дар системаи маорифи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳизби коммунист носозгориҳои зиёдро ошкор намуда буд. Барои Ҷумъа Шарифов ҳеҷ душворӣ (нарасидани маблағ барои идомаи таҳсил, таъмини фарзандони хона ва ғайра) барои ба мақсад расидан садди роҳ шуда натавонист. Ӯ дар ҳамин давраи мушкил (соли 1973) аспиранти донишкадаи номбурда шуд.

Устуворӣ, мардонагӣ, қавиирodaгӣ, истодагарӣ дар назди душвориҳо ва дигар хислатҳои ранҷбарӣ дар меҳнати илмӣ ба ӯ имконият дод, ки соли 1980 соҳиби унвони номзади илмҳои педагогӣ гардид.

Фаъолияти меҳнатӣ ва илмии Ҷумъа Шарифов намунаи беҳтарине барои пажӯҳишгарон маҳсуб меёбад, зеро он шаҳодат медиҳад, ки ӯ фидоии роҳи илм буд.

Ҷумъа Шарифов шахси боэҳсон, дилҷӯй, дилёбу дилписанд буд. Ҳоло дар бойгониам чанде аз номаҳои кӯтоҳи устодам Қосим Осимиро нигоҳ дошта истодаам. Бесабаб нест, ки дар ин номаҳо (онҳо ба солҳои 1999 рост меоянд) устод ӯро Ҷумъабой Шариф ном бурдааст. Мазмуни ин мактубҳо гарчанде кӯтоҳ бошанд ҳам, вале дар онҳо нишонаи ҳурмату эҳтироми устод нисбат ба Ҷумъа Шарифов ифода ёфтаанд.

Дар китоби ҳамкори даври аспирантиам (солҳои 1968-1971), номзади илмҳои педагогӣ Бароҳат Юнусова (Саҳифаҳои рӯзгор. Хуҷанд - 2010) Ҷумъа Шарифов ҳамчун шахси дастгиру дилсӯз ба қалам дода шудааст. Дар воқеъ ӯ ба ин арзанда буд.

Ҷумъа Шарифов олиме буд, ки зарурияти проблемаи тадқиқоти соҳаро пешакӣ дарк карда метавонист. Лаҳзаеро аз фаъолияти кории солҳои гузашта дар кафедраи методикаи таълими математика ба ёд меорам…

Соли 1993 буд. Ҳамон вақтҳо ӯ оид ба ташкил ва гузаронидани кори мустақилонаи донишҷӯён тадқиқот мебурд. Дастнависеро оварда хоҳиш намуд, ки онро дида бароям. Олиҷаноб навишта шуда буд! Ба он: Донишҷӯ: кори мустақилонаро чӣ тавр ташкил бояд кард?» ном гузоштам. Маъқулаш шуд ва бо ҳамин унвон зери муҳарририи банда рӯи чоп омад.

Натиҷаи интишори ин асар ва таълифотҳои зиёди ба кори мустақилонаи донишҷӯён бахшидааш боиси ҳимояи рисолаи доктoриаш - «Асосҳои дидактикии ташаккули малакаҳои кори мустақилонаи донишҷӯён дар ҷараёни таълим» (ДДОТ ба номи С.Айнӣ, с.1997) гардид.

Фаъолияти илмӣ-методии Ҷумъа Шарифов барои аҳли омӯзгорон, донишҷӯён ва муаллимон боиси ситоиш ва ифтихор аст, зеро ӯ бо математик - методисти бомаҳорат Усто Бурҳонов муаллифони аввалини китоби дарсии ватанӣ доир ба «Геометрия. 7-9» (Душанбе: Матбуот, 2000) мебошанд. Ин асар солҳои минбаъда барои синфҳои 7, 8 ва 9 алоҳидагӣ интишор ёфт.

Имрӯз педагог ва донишманди тавоно Ҷумъа Шарифовро ба ёд оварда, дар ҳар бобат (инсони комил, донишманди намоён, падари ғамхор ва ғайра) сазовор ва намунаи ибрат будани ӯро донишҷӯёну омӯзгорон, дӯстону ҳамкорон ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳанд кард.

Ёдашон бо хайр ва руҳашон шод бод.

***Ислом Ғуломов – д.и.п., профессор, Ходими шоистаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорандаи нишони нахустини «Профессори ифтихори»-и ДДК***

# МАСКАНИ Ӯ КИШВАРИ ҚАЛБҲОИ МОСТ

**«Нуре, ки дар вуҷуди инсон аз рӯзи таваллуд ҷой мегирад, оҳиста-оҳиста арзишманду рахшон гардида ба атрофиён низ раҳнамо мешавад. Ин нурро дар вуҷуди ҳар шахс Парвардигор бо фазлу хиради омӯзгорони хирандманд шӯълавар месозанд».**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Оре, он нуре, ки барҳақ Сарвари кишвар ёдовар мешаванд, маҳз ба устоди азизу гиромӣ ва дӯсту меҳрубони ҳамагон- Ҳалимов Абдукарим, то ба андозае ҳам тавъам ҳаст. Нури фазлу хираду офаридаи Яздони пок дар ҷабини ин роҳбари равшанзамир пайваста ҳувайдо буд. Устод Абдукарим Ҳалимов 12 майи соли 1974 дар деҳаи зебоманзари Хаҷачархии ноҳияи Муъминободи собиқ вилояти Кӯлоб (Хатлони имрӯза) ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби миёна таҳсилро дар омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб идома бахшида, онро соли 1975 бо муваффақият хатм менамояд. Муовин оид ба таълими роҳбари мактаб Сарахон Турахонов баробари хатми омӯзишгоҳ қобилияти кордонии ӯро ба назар гирифта, ба сифати китобдори муассиса мепазирад.

Давоми фаъолияти меҳнатӣ ҳамзамон ба шуъбаи ғоибони факултаи омӯзгории Институти давлатии педагогии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии шаҳри Кӯлоб дохил шуда, онро соли 1982 бомуваффақият хатм мекунад. Ба касбу пешааш эътибори хоса медод. Мавсуф аз соли 1987 то соли 1985 дар вазифаи озоди раиси Иттифоқи касабаи талабагӣ ва кормадони омӯзишгоҳ, солҳои 1985-1990 ба ҳайси ноиби аввали роҳбар оид ба таълим ва тарбия, фаъолияти басо ибратбаш менамояд. Вазорати маорифи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон қобилияти фақулодаи ин шахсро ба инобат гирифта аз соли таҳсили 1990 то 1999 ӯро ба ҳайси директори омӯзишгоҳ ва соли 1999 то 2010 дигарбора устодро ба ҳайси роҳбари Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таъин менамоянд.

Чанд сол паси дифои рисолаи номзадӣ нишистанд. Дар давоми 5-сол рисоларо навишт. Соли 2002 рисолаи номзадӣ ва баъди даҳ соли дигар, соли 2012 рисолаи доктории худро дар мавзуи "Мактаб ва маориф дар аҳди Сомониён" бо муваффақият ҳимоя намуданд. Мавзуъро воқеан ҳам дақиқ ва аниқ омӯхтанд, ин орзуро ҳанӯз солҳои дар омӯзишгоҳ таҳсил кардан пайгирӣ мекард. Муаллим пешаро аз омӯзгори оддӣ шуруъ карда, то роҳбарии коллеҷ кору фаъолият намудааст. Баҳри тарбияи насли наврас ва тайёр намудани мутахассисони арзанда барои мактаб ва маорифи вилоят ва кишвар-халқу диёр, муаллимони асил хизмати шоёну барҷастаеро ба ҷой овардаанд. Ин устоди ҳалиму шахси донишмандро дар тамоми вилояти Хатлон мешинохтанд ва эҳтиромашонро ба ҷо меоварданд. Баъд аз нафақа баромадан ин шахсият дар вазифаи ноиби ректор дар шуъбаи ғоибонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кор ва фаъолият намудааст. Зеро устод воқеан ҳам фидоии роҳи мактабу бахши маориф буданд. Нисбати ин шахсияти ҳалиму хоксор олимону донишмандони Тоҷикистон эҳтироми хосатан зиёд доштанд. Эшон дар ҷодаи таълифоти илмӣ муаллифи асарҳои "Тарбия, мактаб ва афкори педагогии халқи тоҷик дар давраи Сомониён", "Тарбияи экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ", "Инкишофи илму мактаб дар аҳди Сомониён", "Болоравии илм, мактаб ва мадорисҳо дар замони Сомониён", "Мактаб ва афкори педагогии халқи тоҷик" буда, ба қалами ӯ зиёда аз 50 мақолаҳои илмӣ ва илмию оммавӣ мутааллиқанд.



Ба тамоми ҳисси масъулияти касбӣ гуфта метавонам, ки эшон ҳамон солҳо аз аввалин доктори илм дар байни роҳбарону омӯзгорони коллеҷҳои дар манотиқи вилояти Хатлонбуда маҳсуб мешуданд. Натиҷаи кордонӣ ва ташкилотчигии шоистаашон буд, ки кори таълиму тарбия дар солҳои роҳбарии ӯ ба муваффақиятҳои назаррас ноил шуда, пешсаф буд. Коллеҷи омӯзгории шаҳри Кӯлоб дар байни коллеҷҳои ҷумҳурӣ ҳамасола, яке аз муассисаҳои пешқадам ба ҳисоб мерафт.

Бо коллеҷҳои педагогии шаҳрҳои Қурғонтеппа, Ҳисор, Душанбе ҳамкории бисёрҷониба доштанд, онҳо аз таҷрибаи якдигар меомӯхтанд. Устод Абдукарим Ҳалимов ҳамчун заргари гавҳаршинос беҳтарин устодон, олимону омӯзгоронро бо ҳам оварда, пояи маънавии коллеҷро басо бобақо ва мустаҳкам гардонида буданд.

Ин машъали тобони ирфон нисбати омӯзгорони камсавод ва бемасъулият басо сахтгир ва серталабӣ зоҳир мекарданд. Бо пешниҳоду ташаббуси ӯ шуъбаи ғоибона, ихтисосҳои забони русӣ, математика ва забони англисӣ кушода шуданд. Азбаски китобҳои дарсӣ барои коллеҷҳо ба талабот ҷавобгӯ набуданд, бо фармоиши худи устод Ҳалимов Абдукарим аз ҷониби омӯзгорони фаннӣ зиёда 30 модулҳо (матни лексияҳо) таҳия карда шуда, ба кабинети методии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун китоби дарсӣ барои чоп пешниҳод шуданд, ки дар ин кор заҳматҳои устод Ҳалимов Абдукарим бамаротиб зиёд мебошад. Бо дархосту пешниҳоди ӯ иштироки донишҷӯён дар чорабиниҳои фарҳангӣ ба дараҷаи баланд расида буданд, қариб, ки ҳамаи ҳамоишҳои фарҳангӣ ва чорабиниҳои тарбиявии коллеҷ дар ҷой аввал қарор мегирифт. Соли 1995 дар озмуни "Шаҳдрез" донишомӯзони коллеҷ сазовори ҷойи аввал дар вилоят гардиданд. Дар иртиботи қавӣ бо созмонҳои байналмилалӣ дар ноҳияҳои ба номи Шамсуддини Шоҳин, Муъминобод, Абдураҳмони Ҷомӣ, Носири Хусрав ва дар микёси ноҳияҳои вилояти Хатлон гурӯҳҳои таълимӣ таъсис дода шуданд.

Дар ҳамкорӣ бо Барномаи "Ҳамкории техникии давлати Олмон" гурӯҳҳои мақсаднок ташкил карда шуд. Мақсад аз ташкил кардани ин гурӯҳҳо маълумотнок гардонидани омӯзгорони бемаълумот буда, онҳо солҳои сол дар мактаб фаъолияти ибратбахш мекарданд. Теъдоди онҳо бо сабаби нарасидани мутахассисони касби басо зиёда буд. Ин барнома боис ба он гардид, ки ин теъдоди омӯзгоронро соҳиби диплом, номаи камоли коллеҷ гардонанд. Баъзе нотавонбиноне пайдо шуданд, ки мехостанд коллеҷро аз байн баранд, ё ин ки биноҳои навро аз худ намоянд. Устод низ бо онҳо мубориза бурдану, охирон бо ташаббуси ӯ ва дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат-муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 2700-солагии Кӯлоби бостон қисмати аввали бинои таълимӣ ва соли 2011 навбати дуюми бинои он мавриди истифода қарор гирифт.

Айёми роҳбарии ин шахсият соҳаи илм низ рушд кард, навишти маводҳою мақолаҳо, дастурҳои илмӣ-методӣ дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ гардид. Бо маслиҳат ва бо роҳбарии бевоситаи ин шахсият омӯзгорони муассиса Латипов Барот, Шафиев Фарход, Саидаҳмадова Дилором яке пайи дигар ри-

# ШАММАЕ АЗ РӮЗГОРИ «ҶАРРОҲИ ЗАБОН»-И 80-СОЛА

Солҳо мегузаранд. Синну соли одам ба ҷое мерасад. Кас ба гузаштаи худ назар месозад. Ҳар он чи кардаасту омухтаасту дидааст, пеши назараш чун навори кино мегузарад.

Мо як гурӯҳ донишҷӯёни солҳои 70-уми асри гузашта: А. Маҳмадов, А. Кабудов, А. Талбаков, А. Раҳмонов, Э. Гулов, М. Олимова, Х. Каримова, Ҷ. Набиев, М. Шарифов, М. Маҳмадиев ва чанде дигарон дар факултаи филологияи тоҷики Институти педагогии Кӯлоб (ҳоло Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ) таҳсил мекардем. Омӯзгорони сахтгиру ғамхор Қодир Рустамов, Иззатулло Тамлихоев, Исроил Исмоилов, Соат Чалишев, Ёралӣ Содиқов, Қаюм Сангов, Барот Нозимов, Искандар Икромов, Раҷаб Асоев, Ғоиб Мирзоев, Аламхон Кӯчаров, Сайдқул Сабзаев, Аҳмад Алиев ва чанде дигарон ба мо аз фанҳои забону адабиёти тоҷик дарс медоданд.

Дар ин мақола чанд сухане дар бораи устоди меҳрубон ва ниҳоят сахтгиру заҳматкаши он солҳо Раҷаб Асозода рӯйи коғаз биёрам. Банда аз ду ҷиҳат бо устод бисёр наздику ҳолдон будам. Аввал ин, ки ман хатти зебою хоно доштам. Ҳусни хатти он кас ҳам бад набуд, вале барои он ки котибаҳои чопкунанда мақолаҳояшро бе нуқсон чоп кунанд, барои рӯйнавис кардан онҳоро ба ман медод. Ман бошам ба як масъулияти том навиштаҳои устодро рӯйнавис карда пас мегардонидам.

Он кас солҳои 70-ум оид ба мавзуи «Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа дар забони адабии ҳозираи тоҷик» зери роҳбарии профессор Д. Тоҷиев рисолаи номзадӣ менавиштанд.

Баъдан бо таъсири рӯйбардоркунии навиштаҳои устод ман нисбат ба фанни синтаксис (наҳви забони тоҷикӣ) шавқу рағбати зиёд пайдо кардам. Ҳатто зери роҳбарии он кас рисолаи хатми дипломӣ навишта, бо баҳои аъло ҳимоя намудам.

Устод Раҷаб Асозода дар курсҳои дуюм,



сеюм ва чорум ба донишҷӯён таълим медод. Аз рӯйи мушоҳидаҳои мо ва атрофиён, ӯ дар таълими фанни синтаксис беназир буд. Ин фан дар курси охирин-чорум, таълим дода мешуд.

Фанни синтаксис хусусияти ҷамъбасткунандагӣ дошт, бинобар ин дар курси охирин таълим дода мешуд. Ин фан дониши дар давоми чаҳор сол омӯхтаи донишҷӯро ҷамъу ҷӯр месохт. Аз ин рӯ, таълими ин фанро на ҳар кас ба зимма мегирифт, зеро ба донишҷӯён таълим додани он аз устод масъулияти бузургеро талаб мекард. Воқеан, устоди мухтарам Р. Асозода ба дарсҳо бо тайёрии пухта меомад. Ӯ аз методҳои гуногуни таълим истифода мекард, ки донишҷӯён нисбат ба фанни сантаксис, ки масъалаҳои мушкилу сарбастаро фарогир буд, рағбат пайдо намоянд. Махсусан, аз худ кардани синтаксиси ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, сертаркиба ва омехта ба осонӣ ба донишҷӯён муяссар намегардид.

Устод сареҳатан таъкид мекарданд, ки барои он ки ин фаннро аз худ намоед, вориди матн, ҷумла шавед, ибора, ҷумлаҳои содда, хелҳои алоқа дар ибораю дар ҷумлаҳои сода, ифодаи онҳо бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ, муносибати ҷумлаҳои сода дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайвасту тобеъ, восита алоқа дар байни сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрави гуногун, хелҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб ва омехта ва амсоли инҳоро аз диди назариявӣ ва амалӣ аз худ намоед.

Росташ, ки дар давоми фаъолияти омӯзгории беш аз 50-солаам дар чандин курсҳои кӯтоҳмуддат дар шаҳрҳои Кӯлоб, Душанбе иштирок доштам. Мутаассифона, дар ҳеҷ куҷо ва аз ҳеҷ кас усул ва методҳои таҳлили синтаксисии матнро мисли устод Раҷаб Асозода вонахӯрдам. Ӯ методи махсуси таҳлили синтаксисии матнро пешниҳод мекард, роҳу воситаҳои гуногунро истифода мекард, ки шогирдон ба моҳияти асосии ҷумла сарфаҳм раванд. Устод ибтидоан ҷумлаҳоро аз нигоҳи синтаксис таҳлили комил мекард. Баъдан гоҳ-гоҳе дар охири дарсаш як ҷумларо аз ҷиҳатҳои гуногун вобаста ба қисматҳои гуногуни забоншиносӣ: лексикӣ, этимологӣ, орфогрофӣ, орфоэпӣ, фонетикӣ, морфологӣ, услубӣ ва ғайра мухтасаран шарҳу тавзеҳ медод. Ба қавли баъзе ҳамсабақон, матни комилро чун табиби ҷарроҳе, ки бунияи одамро ба қисматҳои алоҳида ҷудо карда, иллати беморро ошкор мекард, вай ҳам ҳамон тавр амал карда, мақсади асосиро аз дохили матн пайдо карда, ба шогирдон меомӯзонд. Аз ин рӯ, дар ҳамон солҳо устод Раҷаб Асозодаро «ҷарроҳи забон» меномиданд, ки ҳақиқатан ин таъбир ба масъулият, кору амали ӯ комилан мувофиқат мекард.

Устод ниҳоят шахси поквиҷдону масъулиятшинос буданд. Ӯ кӯшиш ба харҷ медод, ки дарсаш барои шогирдон фаҳмою дастрас бошад. Дар равиши дарсҳояш аз тахтаи синф самаранок истифода мекард. Вай баръало ҳис мекард, ки бе истифодаи тахтаи синф, бе таҳлили пурраи матн-ҷумла донишҷӯён аз моҳияти дарки масъала дур мемонанд.

Солҳои 60-70-уми асри гузашта тахтаи синфҳои таълимӣ ҷӯбин буданд. Тахтаҳои синф дар аввали соли хониш бо ранги махсус сиёҳ карда мешуданд, дар рафти сол ранги тахтаи синф хира шуда, дар натиҷа матни навиштаи устодон хеле хира ба назар мерасид. Агар хато накунам, Раҷаб Асозода ягона устоди ғамхоре буд, ки аз мағозаҳо ранги махсус пайдо карда, тахтаи синфашро (рақами 41, дар паҳлуи деканат буд) сиёҳ карда, дарсҳояшро дар сатҳи олӣ мегузаронд. Шахсан ман ёд дорам, ки бо бурҳои намноки синф навиштан имкон набуд. Устод 5-10 дона бурро дар партфелаш андохта дар хонааш хушк карда меовард, то ки матни навишташуда ба донишҷӯён равшану хоно бошад.

Синфе, ки мо донишҷӯёни курси чорум он ҷо аз фанни синтаксис таълим мегирифтем, аз ду тахтаи тахминан 2 ба 1,5 м иборат буд. Устод пеш аз оғози дарсҳои лексионияш ба ду-се донишҷӯйи хушхат матни ҷумлаҳои мураккабро дода, амр мекард, ки ба зӯдӣ онҳоро ба тахтаи синф нависанд. Ӯ, худ 10-15 дақиқа моҳияти мавзуъро аз ҷиҳати назарӣ баён менамуду фавран барои исботи фикраш ба таҳлилу тавзеҳи ҷумлаҳо мегузашт. Ҳамин тавр, то охири дарс, ки он солҳо 90-дақиқа давом меёфт, 10-15 ҷумлаи мураккаб таҳлил мешуд.

Дарсҳои амалӣ (семинар ва практикумҳо) боз ҳам хотирнишину шавқовар мегузаштанд. Дар дарсҳои амалӣ қариб ҳама донишҷӯён фаъолона иштирок мекарданд. Аҷибаш ин буд, ки чанд донишҷӯе, ки дар курсҳои поёнӣ ниҳоят тамбалу ва ба дарсҳои забон рағбат надоштанд, аксаран дар дарсҳои устод фаъол мегардиданд, ҳаракат мекарданд, ки ба саволҳои устод ҷавоб диҳанд. Ин ҳолро ӯ мушоҳида карда, ниҳоят хурсанд мешуд.

Тавре ки болотар ишора намудем, он солҳо устод оид ба мавзуи «Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа дар забони адабии тоҷик» рисолаи номзадӣ менавишт. Азбаски байни ҳамкурсон навиштаҳои ман хоною бехато буданд, аз ман хоҳиш мекарданд, ки сиёнависҳои ӯро рӯйбардор намоям. Ин кор то хатми донишгоҳ давом кард. Ман худро то ҳанӯз хушбахт меҳисобам, ки дар он солҳои барои устод вазнин, андаке бошад ҳам, ба ӯ кумак намудаам.

Тарзи санҷишу имтиҳони қабул карданиустод Раҷаб Асозода аз дигар муаллимон фарқ мекард. Қабули имтиҳони баъзе устодон 5-6 соат ва баъзан аз ин ҳам зиёдтар давом мекард. Аммо ӯ дар муддати 2-3 соат ин корро анҷом медод, зеро вай дар рафти машғулиятҳо дар давоми сол хулоса мебаровард, ки кӣ ба кадом баҳо меарзад.

Дар ибтидои имтиҳон мувофиқи қайдҳои дафтарчаи шахсияш чанд донишҷӯи фаъолро даъват карда, ба онҳо баҳои «аъло» гузошта, бо онҳо хайрухуш мекард. Баъд ба чанд донишҷӯи дигар муроҷиат карда мегуфт:

– Агар ба баҳои 4 розӣ бошед, дафтарчаи баҳогузориро пешниҳод кунед. Агар баҳои 5 хоҳед, билет гиред, марҳамат, ба саволҳо ҷавоб диҳед.

Ба донишҷӯёни нокомгашта тавсия медод, ки дар муҳлати сессияи имтиҳонгирӣ тайёрӣ дида, дубора имтиҳон бисупоранд. Аз фанҳои таълимдодаи ӯ шумораи қарздорон хеле кам буданд.

Баъдтар, баъди хатми институт (ҳоло Донишгоҳ) огаҳ гаштем, ки устоди азизи мо дар арафаи ҳимояи рисолаи номзадияш (1979) ба бемории асаб гирифтор шуда, тарки таҳқиқу таълимгоҳ карда, қариб 5 сол ҳамчун маъюби гурӯҳи дуюм дар хонааш бистарӣ шудааст.

Ба ҳукми тақдир, солҳои 1983 вазъи саломатияш каме беҳтар гардида, ба Осорхонаи таъриху кишваршиносии шаҳри Кӯлоб ба сифати ходими илмӣ ба кор меравад. Мутаассифона, хондану навиштан сухан карданy фикрашро озодона баён кардан барояш ниҳоят вазнин, ҳатто марговар буд. Азбаски дар навиштан дастҳояш бисёр меларзиданд, он нақшаи корӣ, ҳисобот, рӯзномаи кориашро ба хона бурда, бо ёрии ягона фарзанди арҷмандаш Ҳотамшоҳ, ки дар синфи ҳафтум мехонд, анҷом медоданд. Падар ба зӯр - ба зӯр фикрашро баён мекарду Ҳотамшоҳ онҳоро рӯйи коғаз меовард. Ба ҳамин минвол кор ду соли дигар давом кард. Аз соли 1985 вазъи саломати устод Раҷаб Асозода каме беҳтар гардид. Ӯро сардори Осорхона Иброҳим Ҷалилзода сармуҳофиз -ҷонишини худ таъин намуд. Хуллас, баъди 7-8 сол кор кардан дар Осорхонаи назди Мақбараи алломаи Машриқзамин Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, баъди андаке беҳтар шудани саломатияш ба омӯхтани осори ин олими бузург оғоз менамояд. Мутаассифона, дар хазинаи осорхона ягона рисолаи Бузургвор «Захират-ул-мулук» нигоҳ дошта мешуду халос.

Дар ибтидои солҳои 90-ум фарзанди таълимгирифтаи ӯ Ҳотамшоҳ ба сифати роҳбалад ба кор қабул гардид. Устод аз пайи дарёфт ва ба даст овардани осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ гардид. Падару писар бо чӣ мушкилиҳое аз Пажуҳишгоҳи осори хаттии АУТ девони осори Мир Сайид Алии Ҳамадониро ба осорхонаи шаҳри Кӯлоб оварданд ва дар солҳои вазнину мудҳиши навадум ба таҳияи осори аллома шуруъ карданд. Чандин рисолаҳои ин олими шаҳирро ба хатти кирилӣ баргардонида дастраси ихлосмандон сохтанд.

Ҳамин тавр, устод Раҷаб Асозода бо вуҷуди дардмандияш (беш аз 40 сол аст, ки вай аз бемории асабу дил ва меъда ранҷ мекашад) ба дараҷаи қувват ва тавонияш ҳамроҳи фарзанди арҷмандаш Ҳотамшоҳ ба таҳия ва таҳқиқи осори безаволи мутафаккири Машриқзамин, адиб ва файласуфи машҳур Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҷиддан камар бастанд. Дар натиҷа дар ҳамкорӣ бо олимони шаҳрҳои Душанбею Бохтару Кӯлоб беш аз 40 асари Бузургвор ба хати кирилӣ баргардон шуд ва чоп гардид. Саҳми падару писар дар таҷлил ва гузаронидани ду ҷашнвораи бузурги байналмилалӣ бахшида ба 680 - солагӣ (1995) ва 700 - солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (2015) ниҳоят бузург аст.

Падару писар зимни пажӯҳиши беш аз 30-солаи худ қариб 20 китоб навишта, чоп намуданд, ки аз тарафи хонандагон, ихлосмандон баҳои баланд гирифтанд. Онҳо дар танҳоӣ ва ҳаммуаллифӣ таълифоти мондагор анҷом доданд, ки чанд намунаеро дар поён манзур месозем: «Шаммае аз «Захират-ул-мулук»-и Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», «Насиҳатномаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», «Алии Ҳамадонӣ ва мақоми ӯ дар фарҳангӣ шарқ», «Пирони кӯҳистони Хатлон», «Қиссаи ду дӯст», «Фазилат ва фарҳанги салом», «Мусофири роҳи ҳақиқат», «Солҳо дар ёдҳо», «Аз ҳақиқат то ривоят», «Ганҷи ирфон» (таҳияи дастаҷамъӣ иборат аз ду ҷилд) «Саргузашти ибратбахш», «Бузургони диёри Муъминобод» ва ғайра.

Боиси хушнудист, ки фарзанди донишманди устод Ҳотамшоҳ дар пайраҳаи падар мустаҳкам қадам гузошт. Беш аз сӣ сол оид ба зиндагиномаи алломаи Машриқзамин Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва осори илмию адабии ӯ пажӯҳишро давом дод. Самараи заҳмату талошҳояш дар ин роҳи мушкил боис шуд, ки ӯ соли 2006 дараҷаи унвони номзадӣ ва соли 2024 мартабаи доктори илмҳои филологиро сазовор гашт. Устод Раҷаб Асозода дар яке аз ғазалҳояш (маҷмӯаи «Дуои субҳу оҳи шаб») ба ин муносибат чунин ишора дорад:

***… Дасту дилро во намуда ҷониби мои фақир,***
***Дасти кам асло набинӣ, эй Сулаймони падар.***
***Зиндагию рӯзгорам нимаю садпора буд,***
***Дарзабанду ворисии ин кишту майдони падар.***

Инак, имсол устод Раҷаб Асозода ба баҳори 80-умин зодрӯзи хеш қадам мениҳад. Устоди азизи мо бо Донишгоҳи шаҳри Кӯлоб, ки мо дар он ҷо 4 сол таҳсил карда ба камол расидем, ҳамсинну соланд. Ин фоли неку фаромушношуданист, ки солгарди устоди азизи мо ба 80-солагии ин махзани маърифат рост омадааст. Мо, муридони ин шахси шариф, устоди мухтарамро ба ин санаи муборак сидқан табрик намуда, дар ҳаётиояндааш тамоми некиҳои зиндагиро таманно дорем.

*Абдусаттор Маҳмадов,*
*собиқадори соҳаи маориф аз ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, хатмкардаи факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб (солҳои 70-ум)*

---

солаҳои номзадии хешро бо руйи сурху сари боло дифоъ карданд.

Устод Абдукарим Ҳалимов ба ҳар як кормгари оддӣ, аз фаррош то ба ноибону омӯзгорон басо ғамхору ҳамнафас ва дилсӯз буданд, бо онҳо ҳамсуҳбат шуда кумаки худро дареғ намедоштанд. Дасти бенавою бечорагонро гирифта, талош меварзиданд, ки онҳо дар зиндагӣ мушкилие надошта бошанд, басо ҳаракат мекард, ки фарзандони шахсони камбизоатро дастгирӣ намуда, онҳоро ба коллеҷ ва ба донишгоҳ дохил намоянд, тариқи маблағҳои шартнома ҳама омӯзгорон ва кормандони хоҷагиро ҳавасманд мегардониданд, то ин ки ба кори худ ҳавасманд ва дилгарм бошанд.

Вале афсус, ки айни ҷушу хурӯши корҳои тадқиқотӣ-илмӣ ин шахсияти мунису ғамхорро 27 июни соли 2015 марги нобаҳангом аз байни мо, ҳамкоронаш, мерабояд. Аммо дили ин роҳбару шогирди басо рамузфаҳми мо ҳамчун шахсияти одилу софдил аз кинаву адоват дур буд, аз касе намеранҷид, касе ӯро меранҷонд, бо нимтабассум худро таскин мебахшиданду зеро лаб мисраъҳои зерини мутаффакири машриқзамин Мир Сайд Алии Ҳамадониро зам-зама мекард:

***Ҳар ки моро ёд кард, эзид мар ӯро ёд бод,***
***Ҳар ки моро хор кард, аз умр бархудор бод.***

Оре, марги бераҳм шогирди баркамоли мо, роҳбари оқилу одил-Ҳалимов Абдукаримро ҷисман аз байни мо, ҳамкорону дӯстон рабуда бошад ҳам, руҳу равони ин шахсияти ҳалиму меҳрубон, сарвари оқилу дилсӯз, фидоии роҳи илму дониш бо мост! Мо устодону шогирдон ва дӯстону пайвандонашон номи неку корҳои шоистаи ин марди бузургро фаромӯш нахоҳем кард. Руҳашон шоду манзили охираташон ободбошад.

*Ахмедова Тобусбӣ, саромӯзгори кафедраи, педагогика ва психологияи Коллеҷи омӯзгории шаҳри Кӯлоб*

# ҶАВОНОН-НЕРӮИ ЭҲЁГАР ВА ТАКЯГОҲИ МИЛЛАТ

Таърих гувоҳ аст, ки кишвари дорои ҷавонони бедордилу донишманд, худогоҳу хештаншиносояндаи дурахшону пурсаодате хоҳад дошт. Бо дарки ҳамин масъала дар меҳани азизи мо-Тоҷикистон, тамоми тадбирҳо ва иқдомоти арзандаву шоистаи таҳсин ҷиҳати ба таълиму тадрис фаро гирифтан ва насли хештаншиносу худогоҳ ба воя расидани ҷавонон рӯйи даст гирифта шудааст.

Тоҷикистон-кишвари ҷавон, вале дорои таърихи бостонӣ ва фарҳанги ғанӣ, имрӯз бо такя ба насли наврасу ҷавони худ роҳи рушди босубот ва устуворро тай мекунад. Аз нахустин рӯзҳои истиқлолият то ба имрӯз, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин қишри нерӯмандро чун такягоҳи умедбахши давлат ва кафили пойдории миллат шинохта, сиёсати ҷавонпарваронаро ба яке аз самтҳои муҳими давлатдории навини тоҷикон табдил додаанд.

Сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон реша дар ваҳдати миллӣ ва эҳёи андешаи миллӣ дорад. Баъди касби истиқлолият, масъалаи ташаккули сиёсати муназзами давлатии ҷавонон дар меҳвари барномаҳои стратегӣ қарор гирифт. Таъсис ёфтани Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ дар ин самт заминаи ҳуқукию ташкилӣ ва сиёсиро фароҳам овард.

Чунин ба назар мерасад, ки Тоҷикистон аз аввалин кишварҳои пасошӯравӣ сиёсати давлатии ҷавононро расман ҳамчун бахши мустақили давлатдорӣ шинохт. Ҳамин сиёсати хирадмандонаву маърифатпарварона буд, ки ҷавононро на танҳо аз гирдоби бесоҳибӣ наҷот дод, балки онҳоро ба арсаи маърифат, илм, тарбия ва ватандӯстиву хештаншиносӣ ҳидоят намуд.

Аз таълимоти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мактаби сиёсии ҷавонон ҷиҳати ҳамчун ҳомиёни марзу буми Ватан ва пайравони асили сиёсати пешгирифтаи Роҳбарияти олии кишвар ба воя расидани онҳо маълум мегардад, ки "Ҷавонон бояд соҳибмаърифат, худогоҳ, ватандӯст ва пайрави арзандаи гузаштагони фарзона бошанд".

Ин гуфтаҳо на танҳо шиори роҳнамо, балки бозгуи ҷавҳари аслии сиёсати амалии Роҳбарияти кишвар аст. Соли 2017 бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат "Соли ҷавонон" эълон шуд, ки оғози марҳалаи нави муносибати фарогири давлат бо ин табақаи калидии ҷомеа гардид.

Илова бар ин, таъсиси озмунҳои сатҳи баланд бо сарпарастии бевосиати Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз қабили "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", "Илмфурӯғи маърифат", "Тоҷикистон-Ватани азизи ман", инчунин Форумҳои ҷумҳуриявии ҷавонон, барномаҳои миллӣ барои дастгирии иқдомҳои навоваронаи ҷавонон, таъсис ва густариши грантҳову квотаҳои президентӣ барои ҷавонони соҳибистеъдод, даъват ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ва сафарҳои кории Пешвои миллат ба ноҳияҳо ва зимни он ташкилу баргузории вохӯриҳои судманду роҳнамоикунанда бо ҷавонон - шаҳодати онанд, ки ин сиёсат рӯи коғаз намондааст, балки бо ҳидоятҳои созандаи Сарвари хирадрою маърифатпарвар дар амал татбиқ мегардад.

Имрӯз ҷавонони тоҷик дар партави сиёсати созандаву



бунёдкоронаи Пешвои миллат дар ҳама арсаҳо нақши намоён доранд. Дар самти сиёсӣ, ҷавонон ҳамчун вакилони маҷлисҳои маҳаллӣ ва парлумонӣ, кормандони мақомоти давлатӣ ва аъзои ҳизбҳои сиёсӣ фаъолона ширкат мекунанд. Дар бахши фарҳанг, насли ҷавон мероси гаронбаҳои фарҳанги миллиро ҳифз намуда, онро ба ҷаҳониён муаррифӣ менамоянд. Инчунин дар соҳаҳои муҳими иҷтимоӣ, аз ҷумла илм, маориф, тандурустӣ, варзиш ва соҳибкорӣ ҳам саҳми назаррас доранд. Ҳазорон нафар мутахассисони ҷавон имрӯз дар дастгоҳҳои давлатӣ, марказҳои илмӣ, корхонаҳои саноатӣ ва муассисаҳои байналмилалӣ ифтихори Тоҷикистонро ҳимоят мекунанд.

Ин қишри умедбахшу ватандӯст сиёсати Пешвои миллатро ҳамчун роҳи ягонаи бунёди давлати муосир ва ҷомеаи адолатпарвар ҷонибдорӣ мекунанд. Ин ҷонибдорӣ танҳо дар сухан нест, балки дар амали ҳаррӯза-аз ҳифзи сарҳад то иштироки фаъолона дар корҳои ободонӣ, аз раванди таълим то ширкат дар маъракаҳои сиёсии кишвар, аз майдонҳои варзишии меҳан то ҳунарнамоиҳои ҷолибу диданӣ дар мусобиқоти сатҳи ҷаҳонӣ ва дар ин зимн барафрохтани парчами давлат таҷассум меёбад.

Ҷавонони мо ҳамчун ҳомиёни ҳақиқии марзу буми кишвар, бо дили пур аз ифтихори миллӣ, аз истиқлол, арзишҳои фарҳангӣ ва арзишҳои конститутсионӣ масъулиятшиносона дифоъ мекунанд.

Аз мушоҳидаҳо маълум мегардад, ки имрӯз садҳо лоиҳаи волонтёрӣ, барномаҳои ташаббускоронаи иҷтимоӣ, ободкориҳо ва ҳашарҳои оммавӣ бо роҳбарии ҷавонон баргузор мешаванд. Аз бунёди китобхонаҳо, толорҳои фарҳангӣ, майдончаҳои варзишӣ то боғҳои истироҳатӣ ва амалиёти табиатпарварӣ - ин ҳама иқдомҳо дар тамоми минтақаҳои кишвар амалан идома доранд. Шодиовар ва умедбахшанда аст, ки ҷавонон бо ҳушмандӣ ва худоварӣ роҳи ободии Ватанро интихоб намудаанд ва бовар доранд, ки насли нав метавонад Тоҷикистонро ба қуллаҳои баланди тараққиёт бирасонад.

Ҷойи ифтихор ва шоистаи таҳсину лоиқи шукргузорист, ки имрӯз аз самари сиёсати ҷавонпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҳар як ҷавони кишвар шароити мусоиди таҳсил, касбомӯзӣ, иштирок дар олимпиадаҳо ва муаррифии истеъдодҳо фароҳам аст. Бо таъсиси муассисаҳои нави таҳсилоти олӣ, коллеҷҳо, марказҳои омӯзиши забон ва технология, инчунин густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ, садҳо ҷавон дар хориҷи кишвар таҳсил карда, таҷриба ва донишро ба Ватан меоранд. Ин ҳама иқдомоту тадбирандешиҳо дар нисбати ҷавонон гувоҳ бар он аст, ки давлат ба ин қишри нерӯманду умедбахш ҳамчун сармояи стратегӣ ва захираи рушди миллӣ менигарад ва ҳалли масоили марбут ба онҳоро самти афзалиятноки сиёсати давлату ҳукумат медонад.

Дар умум, имрӯз ҷавонони тоҷик бо дарки масъулияти фарзандӣ ва соҳибони имрӯзуояндаи ин марзу буми аҷдодӣ дар ҷодаи хирад, худшиносӣ ва ватандӯстӣ қадамҳои устувор мениҳад. Онҳо чун пайравони асили Пешвои миллат, ҳомиёни сарзамини муқаддаси тоҷикон ва бунёдгариояндаи давлат пайи талош ва касбу ҳунаранд. Мутмаинан, бо чунин насли бедордилу созанда, ки шукронаи сулҳу ваҳдати миллиро медонанду ба ҷо меоранд, таъкиду ҳидоятҳои оқилонаи Роҳбарияти олии онро чун шиори зиндагиву нукоти созанда пайгирӣ менамоянд, Тоҷикистон, бешак ба марҳалаи нави шукуфоӣ, ба фатҳи қуллаҳои баланди давлатдориву давлатсолорӣ ворид хоҳад шуд.

Барои расидан ба ин ҳадафҳои нек дар чунин фазои созанда ва саршор аз ғамхорӣ, вазифаи мо ҷавонон на танҳо дар шукргузорӣ аз ин дастовардҳост, балки дар татбиқи содиқонаи ҳадафҳои миллӣ, пайравии амалии сиёсати Пешвои миллат, ҳифзи дастовардҳои Истиқлолият, таҳкими сулҳу субот, баланд бардоштани сатҳи маърифат, омӯзиши илмҳои муосир ва бо эҳсоси масъулияти бузург ба хизмати софдилонаю садоқатмандона барои Ватан, омода будан мебошад.

*Нозимова Ибодатхон-ассистенти кафедраи география ва сайёҳӣ*

# ҶАВОНОН-НЕРӮИ СОЗАНДА ВА ҲОМИИ ИСТИҚЛОЛУ ОЗОДӢ

**«Ҷавонони мо дар ҳар ҷое, ки бошанд, бояд ҳисси баланди миллӣ дошта бошанд, ба Ватан, миллат, давлати соҳибистиқлоли худ ва забону фарҳанги миллии хеш ифтихор намоянд ва барои ҳимояи онҳо ҳамеша омода ва ҳушёру зирак бошанд».**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Агар ба таърихи даврони Истиқлолият назар афканем, равшан мегардад, ки нақши ҷавонон дар таҳкими сулҳу суботи ҷомеа муҳим ва калидӣ мебошад. Онҳо чун пайвандгари наслҳо, ҳамчун нерӯи созандаву бунёдкор дар иҷрои ислоҳоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ саҳми назаррас доранд.

Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид медоранд: «Ҷавонон бузургтарин нерӯи созандаву бунёдкори тамоми давру замонҳо буданд. Онҳо воқеан ҳам ин навъ пуле махсуб мешаванд, ки дар миёни имрӯзиёну пасомадон қарор дошта, ҳомили ҷаҳонбинӣ, ақоиди ахлоқиву ғоявӣ ва шаклҳои ҳаёти иҷтимоӣ мебошанд. Маҳз ҷавонон дар аксари самтҳои зиндагӣ моҳият ва хусусияти фардоро муайян месозанд. Вазъи иҷтимоиву тамоюлҳои ҳаёти ҷавонони имрӯза дар кадом сатҳу холате бошад, фардои ҷомеа низ чунин хоҳад буд».

Ин гуфтаҳои ҳакимона аз зарурати тарбияи ватандӯстонаи ҷавонон, ҷалби онҳо ба илм, фарҳанг, маориф ва тарғиби арзишҳои инсонӣ гувоҳӣ медиҳанд. Дар баробари дӯст доштани Ватан, инчунин бояд маърифати иҷтимоиву ахлоқии ҷавононро таҳким бахшид. Илм, ҳамчун шакли олии маърифат, бо дигар намудҳои шинохт ва дониш иртиботи зич дошта, заминаест барои рушди ҳамаҷонибаи ҷавонон.

Нақши ҷавонон дар таърихи инсоният, бахусус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамеша барҷаста буда, аксаран дар пешрафт ва дифои Ватан нақши қаҳрамонона мебозанд. Бо дарки ин муҳимият, 27 майи соли 1997, бо қарори №240 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи кор бо ҷавонон таъсис ёфт, ки мақсад аз он таҳкими робитаи давлат бо насли нав ва пуштибонии амалии онҳо буд.

Фаъолияти Кумита ва сиёсати давлати Тоҷикистон дар самти ҷавонон, ба тавре равшан тавассути санадҳои зерин таҷассум ёфтааст:

- Фармони Президенти ҶТ аз 26 феврали 1998, №949 - таъсиси стипендияи президентӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ;
- Фармони Президенти ҶТ аз 20 марти 1998, №967 - таъсиси ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон;
- Қарори Ҳукумати ҶТ аз 22 майи 1998 - дар бораи 23 май ҳамчун Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон;
- Барномаи миллии "Ҷавонони Тоҷикистон" ва дигар ташаббусҳо.

Ин тадбирҳо шаҳодати равшани ғамхории давлат нисбат ба ҷавонон мебошанд. Ҳамзамон, ҷавобан ба ин ғамхориҳо, ҳар як шаҳрванди худшинос бояд дар боло бурдани сатҳи маърифатнокии ҷомеа ва пешгирии хатарҳои идеологӣ, махсусан дар замони ҷаҳонишавӣ, саҳмгузор бошад.

Зуҳуроти терроризм ва ифротгароӣ, ки имрӯзҳо аз тариқи расонаҳо ба таври васеъ паҳн мешаванд, моро ҳушдор медиҳанд, ки бояд бо зиракиву заковати сиёсӣ, фарҳанги баланди шаҳрвандӣ ва таълиму тарбияи солим бо ин падидаҳои номақбул муқобила кунем. Терроризм, ки аз калимаи лотинии terror (тарс) гирифта шудааст, имрӯзҳо ба як падидаи воқеии таҳдидовар табдил ёфтааст. Аммо дар муқобили ин таҳдидҳо, маҳз иттиҳоду якдигарфаҳмии ҷавонон, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва дониши муосир метавонад онҳоро аз ин гирдоби хатар наҷот диҳад.

Тоҷикистон ҳамчун давлати фарҳангсолору сулҳҷӯ, бо ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат дар арсаи фарҳанг ва маърифат, барои насли нав мактаби ватандӯстиву худшиносӣ бунёд намудааст. Рӯҳҳои Рӯдакиҳоӣ, Шоҳномахонӣ, Румихонӣ - инҳо рамзҳои ҳифзи арзишҳои миллӣ ва сарчашмаи ифтихори ҷавонон мебошанд.

Ҳар Паёми солонаи Пешвои миллат барои ҷавонон паёми умеду ифтихор ва рӯҳбаландӣ аст. Воқеан, агар рӯҳи ҷавонон дар муҳити ватандӯстӣ ташаккул ёбад, онҳо ба нерӯи пуриқтидори пешбарандаи ҷомеа табдил меёбанд.

Дар ҳамин замина, ташкили чорабиниҳои илмӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ, баргузории озмунҳо, ҷалби ҷавонон ба омӯзиши касбу ҳунар ва фароҳам овардани ҷойҳои корӣ метавонанд ҳамчун воситаи муассири баландбардории сатҳи маърифатнокӣ ва эҳсоси масъулияти шаҳрвандии ҷавонон хизмат кунанд. Аз ҷумла:

- Ташкили маҳфилҳои фаннӣ дар мактабҳо ва донишгоҳҳо;
- Ҷалби ҷавонон ба омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ;
- Таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ташкили корҳои муваққатӣ барои ҷавонони 17–20-сола;
- Ташкили ҷамъиятҳои хурди омӯзишӣ ва иҷтимоӣ;
- Пуштибонӣ аз ҷавонони соҳибистеъдод дар ҳар соҳа.

Имрӯз ҷавонони тоҷик варзишгар, ихтироъкор, ҳунарманд, олим ва тоҷир буда, бо фаъолияти худ Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ мекунанд. Мо бояд ин ифтихорро ҳифз ва рушди минбаъдаи онро таъмин намоем.

*Бунафша Шарифова - омӯзгори кафедраи биология ва методикаи таълими он*

Ҳар амал ҷиддиятро тақозо дорад.
С.Батлер



# РӮЗИ ҶАҲОНИИ ФУТБОЛ - ТӮҲФАИ ТОҶИКИСТОН БА ҶАҲОНИ ВАРЗИШ

Дар таърихи инсоният рӯзҳое ҳастанд, ки на танҳо хотирмон, балки сарнавиштсозанд. Яке аз чунин рӯзҳо - 25 май мебошад, ки ба ҳайси Рӯзи ҷаҳонии футбол расман аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид эътироф гардид. Хушбахтона, муаллифи ин пешниҳод яке аз фарзанди Тоҷикистон - Президенти Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA), Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон Рустами Эмомалӣ мебошад, ки санаи 7 майи соли 2024 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бо қатъномаи махсуси худ рӯзи 25 майро ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии футболо элон кард. Ин иқдом на танҳо ба ҷаҳони варзиш, балки ба номи Тоҷикистон ҳамчун ташаббускори сулҳу ҳамбастагӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ маънии нав бахшид.




Имсол (соли 2025) нахустин бор ҷаҳон ин санаи муҳиму рамзиро ҷашн мегирад - рӯзе, ки на танҳо футболи касбӣ, балки футбол ҳамчун василаи фарҳанг, тарбия, дӯстӣ ва сулҳ арҷгузорӣ мешавад.

Футбол, бешубҳа, беш аз як бозии варзишист. Ин забонест, ки онро кӯдак дар кӯчаи шаҳри Теҳрон мефаҳмад, ҷавон дар кӯҳистони Непал эҳсос мекунад ва марде дар деҳаи тоҷикнишини Бадахшон бо он зиндагӣ мекунад. Забоне, ки сухан намегӯяд, балки амал мекунад. Забоне, ки ҳудуд намешиносад, миллат ҷудо намекунад ва фақат як арзишро мегузорад-инсон будан ва якҷо будан.

Пешниҳоди муосири ҷорӣ намудани Рӯзи ҷаҳонии футбол аз ҷониби Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон Рустами Эмомалӣ, дар замоне сурат гирифт, ки ҷаҳон бештар аз ҳар вақти дигар ба ваҳдату сулҳ ва муҳити солими равонӣ ниёз дорад. Ин рӯз ба мо ёдовар мешавад, ки чӣ гуна футбол метавонад як муъҷизаи иҷтимоӣ бошад.

Тоҷикистон, бо вуҷуди он ки кишвари ҷавон ва рӯ ба рушд аст, тавонист бо пешниҳоди ахлоқӣ ва арзишмандаш - таъсис додани Рӯзи умумиҷаҳонии футбол, ба саҳифаҳои таърихи ҷаҳонӣ ворид гардад. Пешниҳоде, ки аз ҷониби муҳтарам Рустами Эмомалӣ ироа шуд, ба таври расмӣ дар СММ қабул гардид ва аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун иқдоми муҳим ва арзишманд пазируфта шуд.

Ин иқдом бори дигар собит кард, ки Тоҷикистон дорои нигоҳи бузург ба масоили байналмилалӣ аст ва метавонад дар миқёси ҷаҳонӣ низ нақши мусбат ва созанда бозад. Инчунин он шаҳодат медиҳад, ки футбол дар кишвари мо танҳо бозӣ нест, балки ҷузъи муҳими сиёсати иҷтимоӣ ва таҳкими арзишҳои миллӣ мебошад.

Ин рӯз ҳамчун рамзи орзуву умедҳои наслҳои ҷавон таъриф мешавад. Дар гӯшаву канори дунё миллионҳо наврас бо як орзу футболбоз мешаванд: орзуи расидан ба комёбӣ, шинохта шудан, ифтихори миллат шудан. Футбол ба онҳо имкон медиҳад, ки зиндагиашонро дигар кунанд-мисли бисёре аз ситораҳои имрӯза, ки аз хоки маҳаллаҳо ба шӯҳрати ҷаҳонӣ расиданд.

Рӯзи ҷаҳонии футбол бо чунин маънӣ ҷашн гирифта мешавад: эҳтиром ба ҳар кӯдаке, ки бо тӯб орзу мекунад; ба ҳар волидайн, ки фарзанди худро ба майдон мебарад; ба ҳар тамошобине, ки бо футбол нафас мекашад.

Футбол, бо вуҷуди он ки як бозии варзишист, дорои хусусияти таълимӣ ва тарбиявии бузург мебошад.

Он инҳоро меомӯзонад:

- Интизом ва субот;
- Ҳамкорӣ ва эҳтироми дастаҷамъӣ;
- Ғолибият бо садоқат ва мағлубият бо ифтихор;
- Сабр ва интизори натиҷаи адолатманд.

Ҷавонон дар муҳити футбол одоби муошират, эҳтироми рақиб ва арзиши меҳнатро меомӯзанд. Онро метавон василаи пурқудрати тарбияи шаҳрвандии ҷавонон номид.

Бо дастгирии бевоситаи Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон Рустами Эмомалӣ, солҳои охир дар Тоҷикистон соҳаи футбол ба таври назаррас рушд кардааст. Аз ҷумла:

- Таъсиси лигаи касбии наврасон ва навҷавонон;
- Сохтмон ва таҷдиди майдонҳои муосир дар шаҳру навоҳӣ;
- Иштироки мунтазам дар чемпионатҳои Осиё ва Осиёи Марказӣ;
- Ташкили барномаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ барои мураббиён ва доварон;
- Рушди футбол миёни бонувон ва ташкили мусобиқаҳои махсус.

Бо ин заминаи устувор, Тоҷикистон метавонад дар чанд соли оянда ба яке аз марказҳои минтақавии футбол табдил ёбад.

Имрӯз бештари кишварҳо футболро ҳамчун воситаи муҳими тарбиявӣ эътироф мекунанд. Дар Тоҷикистон низ футбол дар ҳаёти ҷавонон нақши бузург дорад. Барномаҳои варзишии мактабӣ, мусобиқаҳои дохилӣ ва байналмилалӣ, ташкили лигаҳои наврасон ва баргузории бозии дӯстона миёни мактабҳо ва донишгоҳҳо ҳамаи ин далели таваҷҷуҳи давлат ба рушди ин соҳа аст.

Мураббиёни футбол мисли омӯзгорон тарбиягари ахлоқ, интизом ва ҳамбастагии ҷавонон ҳастанд. Чорабиниҳои варзишӣ дар зеҳни ҷавонон эҳсоси ватандӯстӣ, масъулият ва меҳнати дастаҷамъонаро ташаккул медиҳанд.

Имрӯз футбол бештар аз як варзиш аст-дипломатия аст, нармкунии муносибатҳост, василаи сулҳ ва ҳамзистии инсонҳост. Дар вазъияте ки ҷангу низоъҳо ҷаҳонро ба ташвиш овардаанд, футбол метавонад марзҳоро бишканад ва одамонро бо ҳам орад.

Дар таърихи башарият ҳолатҳое буданд, ки футбол дар маънои ҳақиқӣ сулҳ овард. Яке аз чунин мисолҳо бозии дӯстонаи дастаҳои Фаронса ва Олмон баъд аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ аст, ки ҳамчун рамзи оштӣ ва эҳтироми мутақобил пазируфта шуд.

Дар бисёр кишварҳо, вақте ки сиёсат ва иқтисод мардумро аз ҳам ҷудо мекард, футбол марзҳоро шикаст ва дилҳоро ба ҳам пайваст. Мисли он ки дар Ҷоми ҷаҳонии соли 2018 дар Русия, дастаҳои аз кишварҳои мухталиф бо эҳтиром ва эҳсоси дӯстӣ бозӣ карданд ва ҷаҳонро ба фазои ягонагӣ оварданд.

Созмони Милали Муттаҳид низ футболи имрӯзаро ҳамчун «василаи сулҳи нарм» эътироф мекунад. Бинобар ин, 25 май-Рӯзи ҷаҳонии футбол, на танҳо рӯзи тӯбу майдон, балки рӯзи сулҳ, фаҳмиш ва эҳтироми якдигар низ ҳаст.

Футбол зиндагист. Он метавонад кӯдакро аз кӯча ба майдон орад, ҷавонро аз рӯҳафтодагӣ ба умед оварда расонад ва миллатҳоро аз тафриқа ба ягонагӣ расонад. Эътирофи  Рӯзи ҷаҳонии футбол бо ташаббуси Тоҷикистон-таърихи бо ифтихорест, ки набояд фаромӯш гардад.

Имрӯз, вақте ки ҷаҳон бори аввал ин рӯзро таҷлил мекунад, номи Тоҷикистон ва Рустами Эмомалӣ ҳамчун пешоҳанги ин иқдом дар хотирҳо сабт мешавад. Ин барои ҳар як шаҳрванди тоҷик мояи ифтихор ва умед ба ояндаи дурахшони варзиш дар кишвар аст.

Биёед, ин рӯзро на танҳо ҳамчун як ҷашн, балки ҳамчун масъулияти шаҳрвандӣ, фарҳангӣ ва башардӯстона ҷашн гирем.

**Зинда бод Рӯзи ҷаҳонии футбол!**

**Зинда бод Тоҷикистон!**

***Сафаров Ширинҷон, муаллими калони кафедраи мудофиаи гражданӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ***

## Шеъри рӯз



Абдуллоҳи Раҳнамо

## ШУКУҲИ РӮЗИ ҶАВОНОН

*Дар он минбар на танҳо Рустами*
*фарзанди Раҳмон буд,*
*Дар он соат дар он минбар тамоми*
*Тоҷикистон буд!*

*Ҷавони тоҷик андар тахти шоҳони*
*ҷаҳон биншаст,*
*Ки андар олами имкон хаёле ғайриимкон*
*буд!*

*Ба фарҳанге, ки дар васфаш ба ҷуз аҳсант*
*натвон гуфт,*
*Ба тадбире, ки армони ниёкони пурармон*
*буд.*

*Ғуруру эътимод андар вуҷуди ҳар ҷавон*
*пур шуд,*
*Ва ин олитарин барномаи РӮЗИ*
*ҶАВОНОН буд!*

## Бузургон доир ба ҷавонӣ

***Ҷавонӣ зуд мегузарад, онро дар вақташ дарёб. Рӯзи гузашта ҳамеша аз имрӯз беҳтар мебошад.***

***Овидий***

* * * * * *

***Эҳ, ҷавонӣ, ҷавонӣ!.. Шояд ҳамаи асрори ту на дар он аст, ки дар ҷавонӣ ҳамаи корҳоро кардан мумкин аст, балки эҳсос мекунӣ, ки ҳама корро карда метавонӣ.***

***И. С. Тургенев***

* * * * * *

***Дарёи мусаффои тезоб ба ҷавонии мо монанд аст, баҳри пурмавҷ-миёнсолӣ ва кӯли орому хомӯш пирӣ аст.***

***Г. Р. Державин***

* * * * * *

***Ҷавонон чун парвонаҳоянд: ба сӯи нур мепаранд ва дар оташ меафтанд.***

***В. Ключевский***

* * * * * *

***То ба пирӣ ман талош мекардам, ки ба роҳат зиндагӣ кунам, аммо дар пирӣ кӯшиш мекунам, то ки ба роҳат бимирам.***

***Сенека***

* * * * * *

***Ҷавонӣ ё пирии одам аз он маълум аст, ки ӯ худро чӣ гуна ҳис мекунад.***

***Т. Манн***

* * * * * *

***Ҷавонӣ - роҳгумзанӣ, миёнсолӣ - талош, пирӣ - афсӯсхӯрӣ.***

***Б. Дизраэли***

* * * * * *

***Ҷавонон хушбахт аз онанд, ки оянда доранд.***

***Н.В. Гогол***

* * * * * *

***Умр аз нигоҳи ҷавонон роҳи дарозу ояндадор менамояд, аз нигоҳи пирон роҳи кӯтоҳи паймудае.***

***А. Шопенгауэр***

* * * * * *

***Он чӣ дар ҷавонӣ коштӣ, дар пирӣ ҳамонро медаравӣ.***

***Г. Ибсен***

* * * * * *

***Дар бистсолагӣ одамро орзую ҳавас идора мекунад, дар сисолагӣ - ақл, дар чилсолагӣ - эътиқод.***

***Б. Франклин***

Анвори дониш
№5 (359), ПАНҶШАНБЕ, 29.05.2025

# ДАСТОВАРДИ БОШУКУҲ ВА ШОИСТАИ ИФТИХОР
























19.05.2025 дар саҳни бинои маъмурии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ маросими истиқбол ва қадршиносии донишҷӯёни узви дастаи олимпии дониишгоҳ-ғолибони даври ниҳоии Олимпиадаи ҷумҳуриявӣ миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шукуҳу шаҳомати хоса баргузор гардид.

Ғолибонро муовини ректор оид ба таълим, дотсент Абдусамадзода Эраҷ, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, дотсент Рафиев Сафархон, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, дотсент Шарофат Худойдодова, муовини ректор оид ба тарбия дотсент Сафарзода Мунир ва ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ бо гулу гулдастаҳо истиқбол гирифтанд.

Сипас, дар бинои маъмурии донишгоҳ бахшида ба ин дастоварди муҳиму ифтихорафзо ҷамъомади тантанавӣ доир гардид. Дар оғоз муовини ректори донишгоҳ оид ба таълим, дотсент Абдусамадзода Эраҷ суханронӣ намуда, ғолибон ва роҳбарони онҳоро ба муносибати ин муваффақияти назаррас самимона табрик гуфт. Ӯ таъкид кард, ки ин дастовард туҳфаи арзанда ва боғайратонаи донишҷӯёну устодон ба ифтихори ҷашни 80-солагии таъсисёбии ин боргоҳи илму маърифат махсуб меёбад.

Дар идомаи ҷаласа муовинони ректор, дотсентон Рафиев Сафархон, Худойдодова Шарофат, роҳбарони илмии донишҷӯёни ғолиб, дотсентон Муродова Гулчеҳра, Шамшоди Ҷамшед, Ғаюров Лоиқ, муаллими калон Шоинов Ҳасан баромад намуда, дастоварди навбатии ҳайати устодону донишҷӯёнро барои муассиса ифтихорафзо ва шоистаи таҳсин хонда, ба ҷомеаи меҳнатии донишгоҳ дар ин роҳ барору музаффариятҳои беназир таманно намуданд.

Сипас, ғолибони озмун миннатдории самимии худро ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Вазорати маориф ва илми кишвар чиҳати ташкили шароити мусоиди таълиму тадрис ва ташкилу баргузории озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва ба омӯзгорону раёсати донишгоҳ барои дастгириҳои пайваста баён доштанд.

Қобили зикр аст, ки санаи 17 майи соли 2025 дар Донишкадаи байналмилалии Леваканти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон маросими ҷамъбастии даври ниҳоии Олимпиадаи ҷумҳуриявӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар баргузор гардид. Олимпиадаи мазкур бо иштироки 467 нафар донишҷӯ аз 44 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи 15 фанни таълимӣ дар ду бахш - илмҳои гуманитарӣ ва илмҳои табиӣ, дақиқу риёзӣ баргузор шуд.

Боиси ифтихор ва шоёни таҳсин аст, ки зимни баргузории олимпиада дастаи донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо гирифтани 10 ҷой (2 ҷойи якум, 1 ҷойи дуюм, 6 ҷойи сеюм ва 1 ҷойи ифтихорӣ) миёни 44 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи натиҷаҳои дастаӣ сазовори мақоми сеюм гардиданд. Ин музаффарият - шаҳодати рӯшанест аз сатҳи баланди омодагии илмию методӣ ва масъулияти устодону шогирдон.

**ҶОЙИ АВВАЛ**

1. Раҳматова Фотима - донишҷӯи курси 3-юми факултети филологияи тоҷик ва журналистика, аз фанни забон ва адабиёти тоҷик, зери роҳбарии дотсент Шамшоди Ҷамшед;

2. Шабнами Начмиддин - донишҷӯи курси 2-юми факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг, аз фанни фалсафа, зери роҳбарии дотсент Ғаюров Лоиқ.

**ҶОЙИ ДУЮМ**

1. Курбонзода Саймуртазо - донишҷӯи курси 5-уми факултети химия ва биология, аз фанни биология-экология, зери роҳбарии дотсент Исуфзода Дилшод.

**ҶОЙИ СЕЮМ**

1. Музафарова Хуршедаҷон - донишҷӯи курси 4-уми факултети филологияи рус, аз фанни забони русӣ, зери роҳбарии ассистенти кафедраи забони муосири рус Нурматов Ёқуб;

2. Султони Амирхон - донишҷӯи курси 3-юми факултети факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ, аз фанни таърих, зери роҳбарии дотсент Холмуродзода Меҳрафрӯз;

3. Муродов Аюбҷон - донишҷӯи курси 2-юми факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ, аз фанни сиёсатшиносӣ, зери роҳбарии дотсент Муродова Гулчеҳра;

4. Азимова Меҳрона - донишҷӯи курси 3-юми факултети молиявию иқтисодӣ, аз фанни назарияи иқтисодӣ, зери роҳбарии ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит Шарипов Бедил;

5. Сайназаров Зуҳуриддин - донишҷӯи курси 3-юми факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ, аз фанни ҳуқуқ, зери роҳбарии муаллими калони кафедраи ҳуқуқшиносӣ Исозода Заррина;

6. Некрӯзи Каримхуҷа - донишҷӯи курси 3-юми факултети физика ва математика, аз фанни математика, зери роҳбарии дотсент Сироҷиддини Давлаталӣ.

**ИФТИХОРНОМА**

1. Мирзозода Шаҳноза - донишҷӯи курси 2-юми факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг, аз фанни педагогикаи умумӣ, зери роҳбарии муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими он Ёрмадов Алишер.

Дар фарҷоми ҷорабинӣ ба ҳамаи узви дастаи олимпии муассиса, устодон ва садоратҳои факултетҳо Ифтихорнома ва Сипосномаи раёсати донишгоҳ тақдим гардида, донишҷӯёни ғолиб ва роҳбарони онҳо ҳавасманд гардонида шуданд.

*Тошматов Умар, "Анвори дониш"*

Инсон метавонад зеҳнашро тағйир бахшида, зиндагияшро тағйир диҳад. В. Чеймс



# ПИРӮЗӢ ДАР МАЙДОНИ ВАРЗИШ




Дар ҳошияи истиқбол аз Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон (23 май) ва Рӯзи ҷаҳонии футбол (25 май), дар сатҳи ҷумҳуриявӣ Спартакиадаи варзишӣ аз рӯи намуди футболи хурд байни кормандони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ баргузор гардид, ки дар он дастаи кормандони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо маҳорати баланди варзишӣ ва рӯҳияи бузурги дастҷамъона иштирок намуда, сазовори ҷойи дуюм гардид.

Ин мусобиқаи варзишӣ бо ибтикори Иттифоқи касабаи кормандони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуда, ҳадафи он ҷалби бештари кормандони соҳаи маориф ба тарзи ҳаёти солим, рушди фарҳанги варзиш ва таҳкими ҳамбастагӣ байни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ арзёбӣ гардид.

Ҳайати дастаи донишгоҳ дар ин мусобиқа бо рӯҳияи баланди ватандӯстӣ ва ифтихори касбӣ ширкат варзида, аз худ маҳорати баланди варзишӣ нишон доданд. Ин натиҷа бозгӯи таваҷҷуҳи пайвастаи роҳбарияти донишгоҳ ба соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш буда, боз ҳам нақши муассисаро дар ташаккули инсони комил ва солим дар баробари корҳои илмӣ-таълимӣ нишон медиҳад.

Бидуни шубҳа, ин дастоварди шоиста тӯҳфаи арзандаест ба ифтихори 80-солагии таъсисёбии донишгоҳ. Ҳамкории пурсамар, иродаи қавӣ ва ҷонибдории ҳамаҷонибаи ҳайати роҳбарияти донишгоҳ аз варзиш омили муҳим дар расидан ба ин натиҷаи арзанда ба шумор меравад.




Раёсати донишгоҳ ба ҳайати дастаи футболбозони кормандон, ки шарафи Донишгоҳи давлатии Кӯлобро дар сатҳи ҷумҳурӣ ҳимоя намуданд, изҳори сипос ва таманнои нек ироа намуда, барои ҷомеаи меҳнатии муассиса дар тамоми ҷабҳаҳои фаъолият барору комёбиҳо орзу менамояд.

# ГӮШТИНГИРӢ: МУСОБИҚАИ ҶАВОНОН ДАР ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ

Дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо ташаббуси факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ, шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ дар ҳамкорӣ бо бахши кор бо ҷавонон ва варзиши минтақа ва шаҳри Кӯлоб бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон мусобиқаи гӯштини миллӣ (гӯштингирӣ) бо иштироки донишҷӯёни факултетҳои донишгоҳ баргузор шуд.

Дар ин мусобиқаи бошукуҳ ва пурҳаяҷон донишҷӯёни паҳлавон аз факултету бахшҳои гуногуни донишгоҳ бо якдигар рақобат карданд. Мусобиқа дар чор вазн: 60 кг, 65 кг, 71 кг ва 71+ кг баргузор шуд ва ҳар як паҳлавон барои ба даст овардани пирӯзӣ тамоми қудрати худро дар майдон гузошт.

Фазои мусоиди тороли варзишии муассиса ва ташрифи зиёди донишҷӯён-мухлисони ин навъи фарҳанги миллӣ раванди мусобиқаро боз ҳам зебову диданӣ намуд.

Мусобиқаи гӯштини миллӣ, ки дар доираи таҷлил аз Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон гузаронида шуд, ҳамзамон як рамзи муҳаббат ва эҳтиром ба фарҳанги миллӣ буд, ки имрӯзҳо барои рушду равнақи фарҳанг ва таҳкими ҳувияти миллӣ дар миёни насли наврасу ҷавон нақши муҳим дорад.

Баъд аз баргузории марҳилаҳои рақобатҳо ғолибон аз рӯйи вазнҳо ба таври зайл муайян карда шуданд:

**ВАЗНИ 60кг**

1. *Бобоев Пайрав-донишҷӯи факултети химия ва биология, ҷойи якум;*
2. *Раҷабов Саидмуъмин-донишҷӯи факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ, ҷойи дуюм;*
3. *Назарзода Сафарбек-донишҷӯи факултети физика ва математика, ҷойи сеюм;*
4. *Саидов Алиҷон-донишҷӯи факултети физика ва математика, ҷойи сеюм.*

**ВАЗНИ 65кг**

1. *Мирзоев Умар-донишҷӯи факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ, ҷойи якум;*
2. *Парвизи Хуҷа-донишҷӯи факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ, ҷойи дуюм;*
3. *Сангов Муҳаммад-донишҷӯи факултети физика ва математика, ҷойи сеюм;*
4. *Бобоев Рустам-донишҷӯи факултети физика ва математика, ҷойи сеюм.*

**ВАЗНИ 71кг**

1. *Мустафои Абдулфайз-донишҷӯи факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ, ҷойи якум;*
2. *Одинаев Абдулфайз-донишҷӯи факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ, ҷойи дуюм;*
3. *Раҳмонов Авзалшо-донишҷӯи факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ, ҷойи сеюм;*
4. *Раҳимзода Фаррух-донишҷӯи факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ, ҷойи сеюм.*

**ВАЗНИ +71кг**

1. *Қурбонов Абдуллоҳ-донишҷӯи факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ, ҷойи якум;*
2. *Шарифзода Рамазон-донишҷӯи факултети физика ва математика, ҷойи дуюм;*
3. *Исматов Паншер-донишҷӯи факултети молиявию иқтисодӣ, ҷойи сеюм;*
4. *Саидов Сиёвуш-донишҷӯи факултети физика ва математика, ҷойи сеюм.*

Дар ҷамъбаст аз ҷониби кумитаи тадорукоти мусобиқа ба ғолибон дар вазъияти тантанавӣ тӯҳфаҳои арзишманд тақдим карда шуд.

*Амируллоза Ҷаҳонгир,*
*«Анвори дониш»*


















Ҷустуҷӯи ҳақиқат-муҳимтар аз дарёфти он.

Эйнштейн



# ТАСВИРИ РИНД ВА МАЗАММАТИ ТААССУБУ РИЁ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ

*Идома аз шумораи №4 (358)*

Мавзуи дигаре, ки шоир дар ғазалиёти худ тасвир кардаву нисбати он хассосият дорад, вуҷуди таассуби динӣ аст. Таассуб маншааш ҷаҳолату нодонист ва Ҳофиз бо ҷоҳилону бадкешон муборизаи беамону оштинопазир бурдааст. Ҳофиз бо бадону бадписандон, ҷоҳилони худкома суҳбату муроотро манъ карда, мегӯяд:

***Некномӣ хоҳӣ, эй дил, бо бадон суҳбат мадор,***
***Бадписандӣ, ҷони ман, бурҳони нодонӣ бувад.***

Ҳофиз аз фитнаву найранг ва ҷодуандозиҳои муддаиёни давр, ки побанди ҷаҳолату нотавонбинӣ ва макру найранги замона гардида буданд, мешинохт ва парда аз чеҳраи зоҳидони бадмарому шайхони дар доми найрангу таассуб дармонда медарид. Шоир тараннумгари озодии андеша буда, ҷаҳолату нодониро мазаммат мекард.

***Нишони аҳли Худо ошиқист, бо худ дор,***
***Ки дар машоихи шаҳр ин нишон намебинам.***

Чун болотар иброз доштем, кори Ҳофиз бо танқиду накӯҳиши разолатҳои инсонӣ ҷамъбаст намегардад, балки роҳи ҳалли ҳар масъалае, ки мавриди танқиди ӯ қарор мегирад, ба мардум пешкаш мекунад. Хосатан, дар мавриди ҷаҳолату таассуб андешаҳои созанда ба назм кашидааст. Ҳофиз дар ғазалиёти худ, дунёро «хонаи ишқ» баён намуда, роҳи ҳалли сахттарин мушкилотро муруввату мадоро донистааст.

***Ман дӯстдори рӯйи хушу мӯйи дилкашам,***
***Мадҳуши чашми масту майи софи бегашам.***

Ҳалли мушкилоти ҷаҳон ва ихтилофоти башарӣ на бо зури низову ташаннуҷ, балки ба василаи муҳаббату дӯстӣ, сабру таҳаммул ва муравват мадоро қобили коргирист, зеро бо роҳи хушунату низоъ ҳаводис печида гардида, вазъият мураккаб мегардад. Ҳофиз айнан ҳамин масъаларо хеле орифона ба назм кашида, ҷонибҳоро ба муҳаббату меҳрварзӣ талқин менамояд:

***Айби риндон макун, эй зоҳиди покизасиришт,***
***Ки гуноҳи дигарон бар ту нахоҳанд навишт.***
***Ман агар некам, агар бад, ту бирав, худро бош,***
***Ҳар касе он даравад оқибати кор, ки кишт...***

Ҳофиз бар ин назар аст, ки ҳар инсоне дар пешгоҳи Худо соҳиби иззату мақом аст ва ҳеҷ кас дар мавриди сарнавишти каси дигар ҳаққи иҳонату ҳукм кардан надорад. Танҳо Офаридгор сарнавишти бандаи худро медонад ва ҳаққи ҳукму иродат дорад. Шоир медонист, ки омилони рушди таассубу хурофот намояндагони дину мазҳаб мебошанд, ки ба хотири манофеи шахсиву баровардани иродатмандиҳои худ, динро ҳамчун омили таъсиррасон воруна сохта тафсир карда, тақдирҳои бофтаву сохтаи худро сари мардум бор мекунанд. Дар як ғазали шоир ин вазъ чунин тасвир гардидааст:

***Ҳама кас толиби ёранд, чи ҳушёр, чи маст,***
***Ҳама ҷо хонаи ишқ аст, чи масҷид, чи куништ.***

Ҷойи дигар мутассибони мазҳабситезро, ки барои қаноатмандии нафси ботиниву зоҳирии худ, инсонҳоро ваъдаи биҳишту дӯзах медиҳанд, хушдор месозад:

***Ноумедам макун аз собиқаи лутфи азал,***
***Ту паси парда чӣ донӣ, ки кӣ хуб асту кӣ зишт?***

Аз таҳлилу бозбинии мухтасар зимни пажӯҳиши мавзуи ринд ва таассубу риё дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ба ин натиҷа расидем, ки шоир дар замони худ ба доми хурофоту таассуби замон гирифтор гардида, ба ҳайси як муборизи иродатманду қавӣ барои озодии андеша ва зиндагии озоду аз ҷаҳолату хурофот эмин муборизаи беамон бурдааст. Дар осори худ пайваста аз онин ҷавонмардӣ, садоқату вафодорӣ, дӯстию рафоқат, муҳаббату меҳрварзӣ ёд карда, башариятро ба ягонагию субот ва дурӣ аз офати таассубу ҷаҳолат ва дурӯғу риёкорӣ хушдор намудааст. Шоир омилони ин раванди номатлубро дар амалӣ намудани иродатмандиҳои зоҳидони риёкору зоҳирпараст донистa, худ ва пайравони худ, хосатан, мутаассибони бадкешу динситезонро таъкид намуда, фармудааст:

***Ҳофизо, май хуру риндӣ куну хуш бош, вале,***
***Доми тазвир накун чун дигарон Қуръонро.***

Умуман, Ҳофизи Шерозӣ маҳз тавассути образи ринд андешаҳои озодандешию истиқлолхоҳии худро баён намуда, дар ин баробар хурофот ё таассубу риёро, ки дар натиҷаи пайравии ақидаҳои беасосу носолим ва дар пояи урфу одат, эътиқод ба дин ва боавариҳои мардумӣ сар мезананд, мазаммат кардааст.

*Эраҷ Абдусамадзода – н.и.ф., дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон*

# ТАРБИЯИ МЕҲНАТӢ-АСОСИ РУШДИ ШАХСИЯТ

Ниёгони тоҷик ба нақши меҳнат дар ташаккулёбии одам баҳои илмӣ дода, гуфтанд: «Одамро меҳнат одам кардааст». Ин маънои онро дорад, ки дар зери таъсири амалиётҳои ҷисмонӣ ва машқ дар равиши меҳнат узвҳои бадани одам тараққӣ ва ташаккул ёфта, дар ин ҳангом маҳорат, малака ва одатҳо аз худ карда шуда, инчунин майнаи сари вай инкишоф ёфтааст.

Ин масъала, яъне қадри меҳнату меҳнатдӯстӣ дар эҷодиёти шифоҳии халқ низ инъикос ёфтааст.

Масалан, «Одами бекор дарахти бебор», «Бе меҳнат роҳат нест», «То меҳнат накунӣ, роҳат намебинӣ» ва ғайра.

Оид ба зарурати ин масъала дар яке аз пандҳои Аушервони Одил гуфта шудааст: «Агар хоҳӣ, ки зиндагонӣ бо осонӣ гузаронӣ равияи худро ба рӯи кор дор». Нукот ва гуфтаҳои болоро ба асос гирифта, баён дошта метавонем, ки меҳнат дар рушд ва инкишофи ҳар як шахс таъсири мусбату самаровар дорад.

Меҳнат дар айни замон ҳам воситаи инкишофи ҳаматарафаи кӯдак ва ҳам омили муҳими барқароргардидани шахсияти ӯ мебошад. Педагоги намоён В.А. Сухомлинский навиштааст: «Меҳнат асоси тараққиёти ҳаматарафаи одам мебошад, чунки инсон танҳо бо фаъолияти меҳнатии худ ҳамчун шаҳрванд ташаккул меёбад. Вай ҳис мекунад, ки натанҳо қобилияти пайдо кардани ризқу рӯзӣ, балки инчунин лаёқати ба неъматҳои моддӣ табдил додани ақлу хирад, эҷодиёти худро ҳам доро мебошад. Ҷиҳати шаҳрвандӣ дар сухан не, балки бояд дар дилу ботин бошад, ки ин яке аз муҳимтарин талаботҳои тарбияи меҳнатӣ ва инъикоси меҳнати калонсолон дар синни калони томактабӣ ба шумор меравад. Эҳсоси аҳамияти шаҳрвандии меҳнат ин ҳамчун саодати дарк кардан, донистани асрори ҷаҳон зуртарин омили эмотсионалӣ, ки одамро ба иҷрои меҳнати басо душвор рӯҳбаланд мегардонад. Қувваи тарбиядиҳандагии меҳнат ҳам маҳз дар ҳамин мебошад. Асоси идеявӣ-шаҳрвандии меҳнатро дида тавонистан, пайдо кардан, кашф кардан аз муҳимтарин ва нозуктарин ҷиҳатҳои кор дар олам мебошад».

Педагогҳои намоёни замонҳои гузашта ба тарбияи меҳнатии насли наврас ва ба фаъолияти меҳнатӣ тайёр кардани онҳо диққати хело калон додаанд. Аз ҷумла, педагоги намоёни давраи шӯравӣ А.С. Макаренко моҳияту зарурати тарбияи меҳнатии насли наврасро муайян намуда навиштааст, ки кӯдакон шаҳрвандони ояндаи ҷамъиятанд, арзандагии онҳо дар ҷамъият аз рӯи он муайян карда мешавад, ки вайҳо то чи андоза барои иштирок кардан дар меҳнат таёранд ва таёр карда мешаванд.

Дар марҳилаи ҳозираи Тоҷикистон одамони меҳнатдӯст, эҷодкор хело ва хело ҳам заруранд. Ин шароитро ба ҳисоб гирифта, тарбияи меҳнатии насли наврасро аз рӯи нишондоди В.А. Сухомлинский ба роҳ мондан ба мақсад мувофиқ аст. Ӯ навиштааст: «ҳар як шаҳрванд ба манфиати одамон бояд бо дили пок, бо фикри амику равшан ба бо рӯҳи баланд кор кунад, чунки кор бояд шодмонӣ оварад ва барои андешаҳои олитаре ҳидоят намояд. Хастагие, ки аз ин гуна кор ба амал меояд хастагии хушбахтонае бошад. Вобаста ба ин мақсади тарбияи меҳнатии насли оянд аро аз боғча тарзе ба роҳ мондан лозим аст, ки онҳо ба меҳнат чун ба намуди фаъолият муносибат кунанд, ки ба душворию сарфи қувва нигоҳ накарда барои мардум, барои ҷамъият ва барои худи онҳо хурсандибахшу



фоидаовар бошад...

Дар ҷаҳони муосир, ба воя расондани кӯдак бо вуҷуди ҳама ислоҳот ва пешравиҳои сиёсиву иқтисодӣ, яке аз вазифаҳои муҳими муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеа боқӣ мемонад. Агар кӯдак дар муҳити дастгирӣ ва боварӣ, ки он муҳити меҳнатдӯстӣ бошад, тадриҷан ба меҳнат ҷалб шавад, танҳо дар он сурат аст, ки ӯ метавонад на танҳо шахсияти мустақил ва фаъолро рушд диҳад, балки ҳисси масъулият ва меҳнатдӯстии худро тақвият бахшад.

Педагоги машҳур Н.К. Крупская дар мақолаи «Оид ба масъалаи тарбияи озод» хело дуруст қайд кардааст, ки «Дар кӯдак барои арзанда будани инъикоси меҳнати калонсолон талаботҳои зиёде вуҷуд дорад. Меҳнати кӯдак дар боғча, масалан таёр кардани гербарияҳо, на танҳо дар муассисаи томактабӣ, балки берун аз он низ истифода карда шавад, то ки ӯ ба таври расмӣ ба муносибати байни одамон дохил шавад, ҳаётро мушоҳида кунад, зиндагониро омӯзад, худро аъзои арзандаи ҷамъият ҳис намояд.

Вазифаҳои инъикоси меҳнати калонсолон дар фаъолияти синни калони мактабӣ инҳоянд: дар хонандагон ташаккул додани майлу хоҳиши меҳнат кардан, дӯст доштани меҳнат ва ҳурмат кардани одамони меҳнатӣ ва меҳнати дигарон, ҳисси ғамхорӣ дар бораи нигоҳ доштани моликияти шахсӣ ва ҷамъиятӣ, талаботи ба нафъи худ ва ба нафъи ҷамъият меҳнат кардан, кӯдаконро ба асосҳои истеҳсолоти саноатӣ, хоҷагии қишлоқ, сохтмон ва ғайра шинос намудан: ба интихоби бошууронаи касб тайёр кардан, аз тарафи онҳо аз худ намудани тайёрии ибтидой-касбӣ, дар онҳо ташаккул додани маданияти меҳнати фикрӣ ва ҷисмонӣ.

Мазмуни инъикоси меҳнати калонсолон дар фаъолияти синни калони мактабӣ хело васеъ буда, ба ғайр аз мақсаду вазифаҳо боз масъалаҳои зеринро дар бар мегирад: хелҳои меҳнат; намудҳои меҳнат ва ташкилию роҳбарӣ ба онҳо; шартҳои педагогии самаранок ба роҳ мондани онҳо дар ҷараёни тарбия; чорабиниҳо оид ба интихоби касб; тайёрии психологӣ ва амалии кӯдакон ба фаъолияти меҳнатӣ.

Дар тарбияи меҳнатии синни калони томактабӣ аз ҷиҳати психологӣ, ба фаъолияти меҳнатӣ тайёр кардани кӯдакон масъалаи хело муҳим ба ҳисоб меравад.

Ин масъала ҷиҳатҳои зеринро дар бар мегирад: меҳнатдӯстӣ; шавқу ҳавас; иҷро кардани намудҳои гуногуни меҳнат; ҳисси вазифадориву масъулиятнокӣ; устуворӣ; қатъиятнокӣ; бартараф карда тавонистани душвориҳо; талабот ба меҳнат кардан; дастаҷамъона меҳнат карда тавонистан; маҳорату малакаҳои меҳнатӣ; интизоми меҳнатӣ.

Дар ҷараёни кор инчунин ба ҷиҳатҳои иқтисодӣ диққат додани волидайну мураббиён талаботи объективии замон аст. Дар шароити ҳозира хело зарур аст, ки дар бораи моликияти ҷамъиятӣ, интизом, музди меҳнат тасаввуротҳои дурусти ҳаётӣ гиранд, ҳар як маблағи бо меҳнат ба даст овардашударо қадр кунанд, ғамхорӣ оид ба моликияти ҷамъиятӣ ва табиати кишвари худ, доир ба ашёҳои муассиса, китобҳо ва дигар ашёҳои лозима, маҳсулот ва чизҳои шахсиро ташаккул диҳад. Хело хуб мешавад, ки кӯдакон доир ба малакаҳои одитарини сарфакорӣ ва ғайра тасаввуротҳои ибтидои ҳосил намоянд.

Тарбияи меҳнатии кӯдакон дар синни калони томактабӣ ва синфҳои аввали мактаб на танҳо барои омодасозии онҳо ба зиндагии меҳнатӣ, балки барои ташаккул додани дурусту самарабахши ҷомеа мебошад. Ҳар як кӯдак, ки дар муҳити меҳнатии солим ва шахсиятсоз дарк мекунад, ки кори вай на танҳо манфиатҳои шахсӣ, балки манфиати умумиро низ дар бар мегирад, хоҳ-нохоҳ, шодиву фараҳмандиро эҳсос мекунад. Кӯдаке, ки дар коре иштирок мекунад ва натоиҷи хубро мебинад, ҳисси муваффақият ва қобилиятро эҳсос мекунад.

Дар шароити имрӯзии кишвар, ҷомеа бояд ба сафарбарнамоии кӯдакон ба фаъолияти меҳнатии истеҳсолӣ ва фарҳангӣ таваҷҷуҳ зоҳир намояд. Ин вазифаи имрӯзаи ҳамаи мо-волидайн, омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ мебошад. Ҷалби кӯдакон ба корҳои гуногуни кӯчак, ки аз меҳнатдӯстӣ ва эҳтироми атрофиён бармеояд, метавонад омили муфид ва муҳим дар пешрафти маънавии онҳо шавад. Вақти он расидааст, ки ҷомеа ба кӯдакон имконият диҳад, то онҳо дар ҳар давраи ҳаёташон, аз таҳсили боғча то мактаб, дар фаъолияти меҳнатӣ иштирок намуда, на танҳо малакаҳо ва қобилиятҳои худро равнақ диҳанд, балки ба воситаи меҳнат эҷодиёти шахсият ва баҳои ҳуқуқии худро дар ҷомеа муайян созанд.

Маҳз дар ҳамин самт, кӯдакон бояд бо эҳсоси муҳаббат ба кор ва хурсандии фаъолият дар ҷомеа тарбия шаванд, то ки онҳо бо ҳар қадам ба сӯи шаҳрвандӣ, ташаккулёбии шахсияти воқеии инсон ва пешрафти ҷомеа бетараф набошанд.

Хулоса, меҳнатро ба кӯдак ёд додан аз иштироки бевоситаи худи вай дар меҳнат сар мешавад. Вобаста ба ин, агар кӯдак дар меҳнат ҳарчи барвақт ҷалб карда шавад, тартиби меҳнатии вай ҳамон қадар бомуваффақият мегузарад, инчунин назорати мураббиён ба фаъолияти меҳнатии кӯдакон бояд бoодобона бошад ва ба қуввaю қобилияти худ боварӣ доштани кӯдакро дастгирӣ намояд зеро кӯдак баъди иҷро кардани супориши меҳнатӣ аз муваффақиятҳо ҳисси шодкомӣ пайдо гардад, хурсанд шавад, он гоҳ ӯ мефаҳмад, ки корро хуб иҷро кардааст. Дар натиҷа вай далер мегардад, чун шаҳрванд ташаккул меёбад, худро одами хушбахт ҳис мекунад.

*Абдусаттор Ғафоров-н.и.п., муаллими калони кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ*

# ОИЛА-МАСКАНИ МЕҲРУ МАЪРИФАТ

Оила ин падидаи муқаддасест, ки заминаи асосии рушди шахсият, ахлоқ ва маърифатро ташкил медиҳад. Маҳз дар муҳити солими оилавӣ кӯдакон эҳсоси меҳру муҳаббат, масъулият ва ватандӯстиро меомӯзанд. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, ки агар хоҳем, ҷомеаи пешрафта ва мутамаддин бунёд намоем, бояд аз таҳкими пояҳои оила оғоз кунем.

Мисоли равшани ин гуфтаҳоро метавон дар симои оилаи намунавии Ҳасанзодаҳо дарёфт. Бахтиёр Ҳасанзода ва Дилором Мадбекова, ки ҳарду омӯзгор ҳастанд, 20 сол боз зиндагии муштараки худро дар фазои меҳру муҳаббат ва муваффақияту комёбиҳои беназир идома дода, фарзандони донишманду фаъолро тарбия кардаву, ба ҷомеа насли худогоху хештаншиносро пешниҳод намудаанд.



Суҳбати сармуҳаррири рӯзномаи "Анвори дониш"-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо омӯзгор ва корманди донишгоҳ-Ҳасанзода Бахтиёр ва оилаи ӯ Мадбекова Дилором, ки ин хонавода дар шаҳри Кӯлоб чун оилаи намунавии Ҳасанзодаҳо-ғолибони чандин озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ, шинохта мешаванд, дар мавриди тарбияи фарзанд, саҳми оила дар рушди маънавияти насл ва комёбиҳои фарзандонашон ба таври мухтасар ба хонандаи гиромӣ пешниҳод мегардад.

***–Салому дуруди самимӣ ба шумо. Нахуст, бигӯед, ки ба назари шумо нақши оила дар ташаккули ҷомеаи муосир чӣ гуна аст?***

Бахтиёр Ҳасанзода: Бар шумо низ дуруд. Мусаллам аст, ки оила дар ҳама давру замонҳо омили асосии таъминкунандаи фазои солим ва рушду пешрафти ҷамъият будааст. Имрӯз низ ҳама гуна пешравӣ ва субoти ҷомеа аз муҳити солими хонаводагӣ сарчашма мегирад. Пешвои миллат ва роҳнамои тамоми тоҷикони дунё таъкид мекунанд, ки оила на танҳо як падидаи иҷтимоист, балки муҳити аввалини маънавию ахлоқии инсон аст. Агар дар оила муҳаббат, самимият ва эҳтиром бошад, фарзандон низ дар ҳамин рӯҳия ба камол мерасанд.

***–Оилаи шумо яке аз хонаводаҳои намунавӣ ба шумор меравад. Мехоҳем бидонем, ки ин устуворӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ байни шумо чӣ гуна ба вуҷуд омадааст?***

Дилором Мадбекова: Мо бунёди оилаамонро бар пояи эҳтиром, муҳаббат ва маърифат гузоштем. 20 сол аст, ки бо якдигар дар фазои дӯстӣ ва садоқату меҳрубонӣ зиндагӣ мекунем. Ҳар як тасмимро якҷоя қабул мекунем ва ба таълиму тарбияи фарзандон диққати хосса медиҳем. Дар ҳама ҳолат дастгир ва маслиҳатчии якдигарем. Чун ҳарду омӯзгорем, бештар мекӯшем, ки муҳити хонаводаамон низ таълимдиҳанда бошад. Шавҳари ман низ дар ин роҳи бошараф ҳамеша кумакрасон ва маслиҳатгар ҳастанд.

***–Дар баробари ҳаёти шахсӣ, шумо ҳарду ба касби омӯзгорӣ машғул ҳастед. Ин касб ба тарбияи фарзандонатон чӣ таъсир расонд?***

Б.Ҳасанзода: Бале, мо ҳарду омӯзгорем ва шукр, ки таҷрибаву донишамонро дар хонаи худамон низ истифода мебарем. Мо кӯшиш мекунем, ки ҳар чӣ ба шогирдон меомӯзонем, аввал дар хона амал кунем. Омӯзгор будан масъулияти моро бештар кардааст. Фарзандон мебинанд, ки падару модар ҳамеша китоб мехонанд, дониши нав меомӯзанд ва ҳамин муҳити солиму созандаи хонаводагӣ онҳоро ба ин ҷода ташвиқ мекунад. Дар ин баробар мо худ ҳар рӯз кӯшиш мекунем, ки фарзандонамонро бо илму фарҳанг, ватандӯстиву хештаншиносӣ тарбия кунем. Ин таъкиди Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Фарзандон бояд босавод, соҳибмаърифат ва пешқадам бошанд» шиори хонаводагии мост ва дар роҳи тарбияти фарзандон моро илҳом мебахшад.

***–Фарзандони шумо дар озмунҳои гуногуни сатҳи шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ ширкат кардаанд. Дастовардҳои фарзандонатон низ аз ин озмунҳои сатҳи баланд воқеан ҳам қобили таҳсинанд. Бигӯед, чӣ омил сабабгори ин муваффақиятҳост?***

Д.Мадбекова: Оила нахустин муҳитест, ки шахсият ва сирати инсон дар он шакл мегирад. Агар муҳити оилавӣ солим ва ҳавасмандкунанда бошад, фарзандон на танҳо тарбия меёбанд, балки рушд мекунанд, бо дили гарм ба сӯи дониш, ахлоқ ва маърифат мераванд. Имрӯз, ки ҷомеаи мо ба насли босаводу ватандӯст ниёз дорад, нақши муҳити хонаводагӣ бештар аз ҳарвақта муҳим мебошад.

Мо ҳамеша кӯшиш мекунем, ки дар хонавода муҳити ҳавасмандкунанда ва дастгиркунанда барои фарзандонамон эҷод кунем. Муҳити ҳавасмандкунанда муҳитест, ки дар он фарзанд: эҳсоси қадршиносӣ мекунад, бо озодӣ фикр мекунад ва савол мепурсад, барои кӯшишҳояш ташвиқ мешавад, хатояшро худаш мефаҳмад, на ҷазо мегирад. Дар воқеъ, вақте кӯдак мебинад, ки меҳнаташ қадр карда мешавад, ӯ кӯшиш мекунад бештар биомӯзад. Масалан, вақте фарзанд дар озмуне ширкат мекунад, ҳатто агар ҷой нагирад, бояд ташвиқ шавад-"Ту кӯшиш кардӣ ва ин аллакай қадами бузург аст!" Самараи ҳамин талошҳои волидайн ва муҳити оилавиамон буд, ки фарзандонамон озодона фикр мекунанд, озодона савол мепурсанд, озодона мутолиа мекунанд.

Барои мо боиси ифтихор аст, ки талошҳои мо дар ҷиҳати тарбияи фарзанддон самар дода, онҳо пайваста дар озмунҳо, аз ҷумла озмуни бонуфузи ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" иштирок карда, дар аввал обрӯйи худ ва шарафи хонаводаро баланд мебардоранд. Фарзандони мо дар ин озмуни бонуфуз аз гирифтани ҷойҳои ифтихорӣ то ба Шоҳҷоизаи озмун зафарёб гардидаанд. Соли сипаригардида, Ҳасанзода Сайёҳат, донишҷӯи Донишгоҳи байналмилалии забонҳо, дар бахши "Адабиёти ҷаҳон" сазовори ҷойи ифтихорӣ гашт. Ҳасанзода Малика, хонандаи синфи 11-уми мактаби №51-и шаҳри Кӯлоб, дар номинатсияи "Адабиёти шифоҳӣ ва бачагона" Шоҳҷоизаи озмунро ба даст овард. Ҳасанзода Шукрона, хонандаи синфи 5-уми Муассисаи давлатии бучетии таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон-Россия "Мактаби миёнаи умумӣ бо омӯзиши амиқи фанҳои алоҳида дар шаҳри Кӯлоб ба номи К.Д. Ушинский" дар бахши "Адабиёти ҷаҳон" сазовори ҷойи дуюм гардид. Ин дастоварди фарзандон барои мо ифтихори бузург аст.

***–Шумо фарзандонро чӣ гуна ба китобдӯстӣ ва илмомӯзӣ ташвиқ мекунед?***

Б.Ҳасанзода: Аз кӯдакӣ онҳоро бо китоб шинос кардем. Мехостем китоб хондан барои онҳо як одати табиӣ гардад. Худ низ намуна будем. Бо ҳамсуҳбатӣ дар бораи китобҳо, тамошои филмҳои таълимӣ ва сафари донишомӯзӣ муҳити хонаводаамонро бой сохтем. Мо ҳеҷ гоҳ фарзандонро маҷбур накардаем, балки кӯшидаем муҳити муҳаббатомез ва илҳомбахш барои хондан фароҳам оварем. Худамон ҳам китобхон ҳастем. Агар волидайн намуна бошанд, фарзандон низ пайравӣ мекунанд.

***–Шумо дар чандин озмунҳое, ки барои оилаҳои намунавӣ таъсис дода шудаанд, ширкат варзидаед. Мехостам дар ин ҷиҳат мегуфтед.***

Д.Мадбекова: Албатта. Оилае, ки дар он муҳити солиму саршор аз меҳру эҳтиром, ҳамдигарфаҳмӣ, дӯстдории китобу дониш ва масъулиятшиносӣ ҳукмфармост, бешубҳа метавонад дар озмунҳо ширкат кунад, инчунин ба гирифтани ҷойҳои ифтихории онҳо низ шарафёб гирад. Барои мо боиси ифтихор ва шарафи бузург аст, ки оилаи мо соли 2015 - ғолиби озмуни шаҳрии "Оилаи сол", соли 2023 - ғолиби ҷойи дуюми озмуни вилоятии "Оилаи масъулиятшинос" ва соли 2024 - ғолиби ҷойи аввали озмуни ҷумҳуриявии "Оилаи солим-ҷомеаи солим" дониста шуда, бо Сипоснomaи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қадршиносӣ гардид. Ин музаффарияту комёбиҳо самараи меҳнати пайвастаи мо мебошанд.

***–Ба назари шумо, навхонадорон бояд ба кадом масъалаҳо аҳамияти бештар диҳанд?***

Д.Мадбекова: Пеш аз ҳама ба масъулият. Оила зери бори муҳаббати танҳо набояд бошад- масъулият, сабр, маърифат ва адолат ҳам барои устувориву пойдорӣ ва солимии он лозим аст. Агар волидайн худашон соҳиби хислатҳои нек бошанд, фарзандон низ пайравӣ мекунанд. Навхонадорон бояд бо маърифат, сабр ва муҳаббат зиндагӣ кунанд. Тарбияи фарзандон кори якрӯза нест. Он солҳо меҳнату муҳаббат мехоҳад.

***–Дар анҷом, бо кадом сухан мехоҳед суҳбатро ҷамъбаст намоед?***

Б.Ҳасанзода: Волидайн бояд худашон намуна бошанд. Агар падару модар китоб хонанд, фарзанд низ ба китоб рӯй меорад. Агар падару модар бо якдигар бо эҳтиром рафтор кунанд, фарзанд низ инро меомӯзад. Мо ҳама бояд дарк кунем, ки фарзанди солим танҳо дар муҳити солим ба воя мерасад. Агар хоҳем, ки ояндаи давлатамон равшан бошад, имрӯз бояд фарзандонро дуруст тарбия кунем - бо илму маърифат, бо ҳисси ватандӯстӣ ва китобдӯстӣ.

***–Ташаккур ба Шумо барои ин суҳбати самимӣ. Оилаатон ҳамеша сарбаланду муваффақ бошад!***

Оилаи Ҳасанзодаҳо намунаи рӯшанест барои тамоми ҷавононе, ки мехоҳанд оилаи солим ва ҷомеаи устуворро бунёд созанд. Дар воқеъ, агар хоҳем, ки фарзандони боақлу босавод, ватандӯсту хештаншинос ва соҳибмаърифат дошта бошем, бояд муҳити хонаводаро муҳити ҳавасмандкунанда, дастгиркунанда ва илҳомбахш гардонем.

Зеро фарзанди солим, дар муҳити солим ба воя мерасад.



*Мусоҳиб, Муҳаммадҷони Абдувоҳид, "Анвори дониш"*

Бузургтарин хушбахтӣ дӯст доштан ва дӯстдошта будан аст.
А. Чехов



# НАҚШИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ ДАР ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН



Бо чунин ном 16.05.2025 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо ташаббуси факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии муассиса Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба истиқболи 80-солагии таъсисёбии ин боргоҳи илму маърифат ва 10-солагии таъсиси факултет баргузор гардид.

Ҳайати меҳмонон ва иштирокчиён пеш аз оғози конференсия дар даромадгоҳи бинои маъмурии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб аз намоиши асарҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дастовардҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва варзишии устодону омӯзгорон дидан намуданд.

Дар конференсия олимону муҳаққиқон аз донишгоҳу донишкадаҳо, мутахассисони соҳа ва устодону донишҷӯён, Абдусамадзода Эраҷ Абдусамад- дотсент, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Бобоҷонов Муҳаммад Шоҳмаҳмадович, дотсент, муовини ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов, Шаҳбози Искандар - директори Муассисаи давлатии Маркази такмили ихтисоси кормандони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, Давлатзода Сарвиноз Абдумалик - номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи фанҳои технологияи меҳнати тарбияи ҷисмонӣ, омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва бозингариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Зайдуллоев Ҳикматулло Раҳматуллоевич-дотсенти Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов, Холиқов Сафар Сайфуддинович, номзади илмҳои химия, дотсент, мудири кафедраи химия ва методикаи таълими они донишгоҳ ва ҳайти устодону донишҷӯёни донишгоҳ иштирок намуданд.

Муовини ректор оид ба таълими донишгоҳ, дотсент Абдусамадзода Эраҷ Абдусамад зимни ироаи сухани ифтитоҳӣ ташрифи меҳмонони гиромӣ, олимону донишмандон ва муҳаққиқону мутахассисони соҳаро ба ин боргоҳи илму маърифат-Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ самимона хайрамақдам гуфта, ҳузури онро боиси шодии афзун ва ифтихормандии ҷомеаи меҳнатдӯсту заҳматкарини муассиса арзёбӣ намуд.

Зимнан таъкид дошт, дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки он пур аз таҳаввулоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангист, ба назар мерасад, ки нақши ҷавонон ҳамчун неруи асосии созанда ва пешбарандаи давлату ҷомеа ба сифати ниҳоди умедбахшу идомадиҳандагони кору пайкори бузургон рӯз то рӯз мавқеи мустаҳкамтару мондагортарро ба худ касб менамояд. Дар ин раванд, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш на танҳо як фанни омӯзишӣ дар муассисаҳои таълимӣ, балки ба сифати воситаи пурқудрати иҷтимоиву маънавие дар ташаккул ва инкишофи шахсияти солиму ватандӯст нақши муассиру калидиро дорад. Яъне, дар марҳилаи кунунӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ беш аз ҳарвақта ба масъалаи тарзи ҳаёти солим ва саодати маънавии инсон таваҷҷуҳи амиқ зоҳир намуда, пайгирӣ ва тадбирҳо ҷиҳати рушди ин самт мавриди таваҷҷуҳи давлату ҳукумат гардидааст. Дар ин роҳ тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш на танҳо василаи рушди ҷисм ва рӯҳи инсон, балки омили муҳими баҳамоии мардумон, таҳкими дӯстӣ ва густариши сулҳ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

Боиси ифтихор ва шоистаи таҳсину офаринҳост, ки дар кишвари азизимо-Тоҷикистони ҳуқуқбунёд, сиёсати давлатии ҷавонон, нақш ва иштироки бевоситаи ин қишри умедбахш дар ҳаёти ҷомеа, тарғиби тарзи ҳаёти солим ва оммавигардонии варзиш аз масъалаҳои асосии давлатдорӣ ва манбаи муҳимтарини ташаккули захираҳои инсонии давлату ҳукумат ба ҳисоб рафта, дар меҳвари он фароҳам овардани шароити мусоид барои ба камол расонидани насли худогоҳу худшинос, соҳибмаърифату ватандӯст ҷой дорад. Дар воқеъ, ҷавонон давомдиҳандагони кору фаъолияти насли калонсол, нерӯи созанда, иқтидори воқеии пешрафти ҷомеаву давлат ва қишри ояндасозу пешбарандаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳисоб мераванд. Онҳо номбардорони ниёгони хирадманд, сулҳпарвар, эҷодкор ва баору номуси хеш буда, давлату Ҳукумати мамлакат барои дастгирии ин қишри созандаву ободгари ҷомеа пайваста тадбирҳои судманд меандешад.



Дар идома тибқи барномаи конфронс: Бобоҷонов Муҳаммад- дотсент дар мавзуи "Шароити педагогии ташаккули тамоюли рушди сифатҳои ҷисмонӣ ва тарзи ҳаёти солим дар раванди тарбияи ҷисмонии донишҷӯён", Шаҳбози Искандар-директори Муассисаи давлатии Маркази такмили ихтисоси кормандони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш доир ба "Такмили сиёсати ҳамгироии ҷавонон ва варзиш дар Тоҷикистон бо омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта", Давлатзода Сарвиноз Абдумалик- номзади илмҳои педагогӣ дар мавзуи "Чанбаҳои назариявии моҳияти тарбияи ҷисмонӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ", Зайдуллоев Ҳикматулло Раҳматуллоевич-дотсент дар мавзуи "Омилҳои муҳимми омода намудани варзишгарон" ва дотсент-Холиқов Сафар Сайфуддинович доир ба мавзуи "Дар ҷавонӣ сайъ кун, гар бехалал хоҳӣ амал" маърӯзаҳои ҷолиби диққат ва илман асоснок ироа намуда, таъкид доштанд, ки тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳамчун воситаи иҷтимоии ваҳдату эҳёгарӣ гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ ва этникиро бо ҳам мутаҳид менамояд, ки дар сиёсати дохилию хориҷии кишвар хело муҳим ва муассир аст.

Баромадкунандагон зимни ироаи маърӯзаҳо дар баробари таҳлилу арзёбии масоили мавриди назар, таъкид доштанд, ки иқдоми роҳбарияти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷиҳати ташкилу баргузор намудани конференсияи сатҳи баланд дар самти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш шоистаи таҳсину офарин буда, ин ташаббус аз зумраи иқдомҳои созандаву бунёдӣ дар ин ҷиҳат ба ҳисоб меравад.

Изҳори умед карда шуд, ки ташкили чунин ҳамоишҳои илмии сатҳи баланд аз ҷониби дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ роҳандозӣ гардида, нуктаи назари олимону донишмандон ва муҳаққиқону мутахассисони соҳа ба рушди соҳа ва таҳаввулоти он дар замони муосир ва омоданамоии кадрҳои оянда мададрасон хоҳад буд.

Кори конференсия қисмати 2-юми рӯз дар 2 бахш бо таҳлилу баррасии беш аз 40 мақолаи олимону муҳаққиқон идома ёфт.

# ТАҚСИМОТИ МУТАХАССИСОНИ ҶАВОН-ҚАДАМИ УСТУВОР БА САМТИ РУШДИ СОҲАИ МАОРИФ



Санаи 16 майи соли 2025 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, тибқи фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тақсимоти мутахассисони ҷавон дар соли 2025", ҷиҳати таъмини муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва дигар ташкилоту идораҳои эҳтиёҷманд бо мутахассисони ҷавон, тақсимоти хатмкунандагони ихтисосҳои равияи омӯзгорӣ барои соли таҳсили 2024-2025 баргузор гардид.

Дар ин чорабинӣ муовини ректор оид ба корҳои таълими донишгоҳ, дотсент Абдусамадзода Эраҷ Абдусамад, сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саъдулозода Шамсуддин, сармутахассиси ҳамин раёсат Сафарзода Садафмоҳ, сардори бахши таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавони донишгоҳ Бобоев Бахтовар, намояндагони раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, инчунин хатмкунандагон-мутахассисони ҷавон иштирок ва суханронӣ намуданд.

Зимни ҷаласаи тақсимот масъулин оид ба муҳимияти иҷрои вазифаҳои касбӣ, риояи меъёрҳои қонунгузорӣ ва сари вақт ба ҷойи кор ҳозир шудани мутахассисони ҷавон андешаронӣ намуданд. Аз ҷумла, ба хатмкунандагон шарҳу тавзеҳ дода шуд, ки тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" ва дигар санадҳои меъёрии соҳавӣ, вазифаи ҳар як мутахассиси ҷавон аст, ки роҳхатҳои додашударо сари вақт амалӣ намуда, ба муассисаҳои таълимие, ки ба онҳо тақсим шудаанд, ҳозир шаванд.

Дар анҷом, барои рушан намудани баъзе масъалаҳои марбут ба раванди тақсимот ва ба ҷойи кор ҳозиршавии хатмкунандагон, миёни мутахассисони ҷавон ва намояндагони Вазорати маорифу илм саволу ҷавоб сурат гирифт.

Чунин ҳамоишҳо ба таҳкими робитаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо ниҳодҳои марбута ва таъмини кадрҳои баландихтисос мусоидат намуда, ҷиҳати рушди соҳа заминаи устувор фароҳам месозад.



Ҳар чизи хубе, ки дар ман ҳаст, аз шарофати китобхонист.
М. Горкий

# ШОМИ ҶАВОНӢ



Шоми 22 майи соли 2025 дар саҳни бинои маъмурии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ чорабинии фарҳангӣ-фароғатӣ бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон ва Рӯзи ҷаҳонии футбол бо шукуҳу шаҳомати хосса баргузор гардид.

Дар чорабинӣ муовини ректор оид ба таълим, дотсент Абдусамадзода Эраҷ, раиси КИ ҲҶДТ дар шаҳри Кӯлоб Салим Сайвализода, мудири бахши кор бо ҷавонон ва варзиш дар минтақаи Кӯлоб Мадализода Дилшод ва ҳайати васеи омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ иштирок доштанд.

Дар ифтитоҳи чорабинӣ муовини ректор оид ба таълим, дотсент Абдусамадзода Эраҷ зимни ироаи сухани табрикотӣ қайд намуданд, ки дар ин лаҳзаҳои хотирмону фараҳафзо мову Шумо бо қалби саршор аз муҳаббат ба Ватан ва ифтихор аз ҷавонмардиву комёбиҳои насли ҷавон, дар ҳамоиши пуршукуҳи “Шоми ҷавонӣ” бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон ва Рӯзи ҷаҳонии футбол ҷамъ омадаем. Бо камоли мамнуният ва иродатмандӣ ҳамаи Шуморо ба ифтихори Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон ва Рӯзи ҷаҳонии футбол самимона табрику шодбош гуфта, орзуманди саломативу сарбаландӣ, хушбахтиву иқболи нек ва амалӣ гардидани орзуҳоятон дар роҳи ободу сарсабзии Тоҷикистони гулбадомон ҳастем.

Таъкид гардид, ки имрӯз, вақте дар фазои сулҳу суботи Тоҷикистони соҳибистиқлол ин ду санаи муҳими ҳаётии ҷомеа таҷлил мегардад, мо бо эҳсоси баланди масъулият, бо бовар ба неру ва иродаи созандаи ҷавонон, сарфароз аз дастовардҳои фарзандони ин миллати соҳибтамаддун шукронаи соҳибватаниву соҳибдавлатиро ба ҷо меоварем. Дар ин баробар ҳидоятҳои созандаву хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар нисбати ҷавонон «Ҷавонон на танҳоояндаи давлатанд, балки имрӯз худ яке аз неруҳои асосии пешбарандаи ҷомеа ба ҳисоб меравандӣ» сармашқи кор ва манбаи илҳоми фаъолияти худ медонем.



Бо таваҷҷуҳ ба Рӯзи ҷаҳонии футбол таъкид гардид, боиси ифтихор ва шарафмандии халқи тоҷик аст, ки Ҷумҳурии мо ташаббускори эълон гардидани рӯзи 25 май ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии футбол дар арсаи ҷаҳонӣ шинохта шуд. Ин иқдом на танҳо як дастоварди варзишӣ, балки далели возеҳи асъми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди варзиши ҷаҳонӣ ва таҳкими дӯстиву ҳамгироии кишварҳо махсуб меёбад.



Ин пайки сурурбахшу ифтихорафзо гувоҳи он аст, ки Ҳукумати кишвар бо тамоми имконот барои ҳимоя ва рушди иқтидори ҷавонон талош меварзад.

Дар идома раиси КИ ҲҶДТ дар шаҳри Кӯлоб Салим Сайвализода, мудири бахши кор бо ҷавонон ва варзиш дар минтақаи Кӯлоб Мадализода Дилшод зимни суханронихои худ, таъкид доштанд, ки шумо, ҷавонон, наслиояндасоз, муаррифгари Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, ҳомиёни илму фарҳанги миллӣ ва бунёдкорони ҷомеаи мутамаддин ҳастед. Шумо бояд ҳамеша дар сафи пеши илм, варзиш, фарҳанг, ихтироъкорӣ ва хидмат ба мардум бошед.

Дар идомаи чорабинӣ, як қатор ҷавонони фаъоли донишгоҳ барои фаъолияти назаррас дар самти таҳсил, фарҳанг, варзиш ва корҳои ҷамъиятӣ бо сипосномаи Раёсати донишгоҳ, КИ ҲҶДТ дар шаҳри Кӯлоб, бахши кор бо ҷавонон ва варзиш дар минтақаи Кӯлоб қадрдонӣ шуданд.

Сипас, барномаи бошукуҳ ва рангини ҳунарии ансамбли “Наво”-и бахши фарҳанги Донишгоҳ, иборат аз суруду мусиқӣ ва рақсу бозӣ пешкаши ҳозирин гардонида шуд. Барномаи фарҳангӣ бисёр шавқангез ва хотирмон буд. Дар барномаи ҳунарии кормандони ансамбли “Наво”-и Донишгоҳ суруду таронаҳои тараннумкунандаи сулҳу ваҳдат, дӯстӣ, бузургии сарзамини аҷдодӣ ва арҷгузорӣ ба муқаддасот, рамзи давлатдориву ойини худшиносӣ ва васфи ҷавонию зебоиҳо он садо доданд.

Чорабинии мазкур бори дигар нишон дод, ки ҷавонони донишгоҳ пайравони ҳақиқии Пешвои миллат буда, дар таҳкими сулҳ, ваҳдат ва рушду шукуфоии ҷомеа нақши муассир доранд.

*Умарҷон Тошматов,*
*«Анвори дониш»*

# ҲАР ОН КАС, КИ ШОҲНОМАХОНӢ КУНАД...



Дар доираи татбиқи сиёсати маорифпарварона ва фарҳангсолоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо ташаббуси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озмуни ҷумҳуриявии «Ҳар он кас, ки Шоҳномахонӣ кунад...» бори нахуст миёни ҷавондухтарони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар баргузор гардид.

Ин иқдом бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, арҷгузорӣ ба осори ниёгон, тавсеаи ҷаҳони маънавӣ, тақвияти зеҳн ва суханварӣ, инчунин дарёфти чеҳраҳои болаёқати шеършинос ва сухандон роҳандозӣ гардида, аз ду марҳила иборат буд.

Дар марҳилаи дуюми озмун, ки 23–24 майи соли 2025 дар шаҳри Душанбе ва ба ифтихори Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон доир гардид, 36 нафар беҳтарин донишҷӯдухтарон аз тамоми гӯшаву канори ҷумҳурӣ ширкат варзиданд. Хушбахтона, намояндагони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ин озмун ҳунару маҳорат ва маҳорати баланди хешро муаррифӣ намуда, бо дастовардҳои назаррас баромад карданд.

Фатозода Саидадунё – донишҷӯйи курси 2-уми факултети филологияи руси донишгоҳ, дар байни довталабон маҳорату дониши худро нишон дода, сазовори ҷойи якум гардид. Ин пирӯзии шоён мояи ифтихори тамоми устодону донишҷӯёни донишгоҳ арзёбӣ мегардад.

Ҳамзамон, Садирова Муҳайё ва Шарипова Давлатмо – донишҷӯёни курси сеюми факултети филологияи тоҷик ва журналистика, барои иштироки фаъолона ва суханварии шоиста, бо Сипоснomai Кумита қадрдонӣ гардиданд.

Раёсати Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ғолибону иштирокчиёни фаъоли озмун барои муаррифии шоистаи донишгоҳ самимона табрик гуфта, бароишон бурдбориҳои нав ба нав дар ҷодаи илму маърифат орзу менамояд.

# АСОСҲОИ МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ...



Бо мақсади дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои созандаю пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҷалби ҷавонон ба навоварию ихтироъкорӣ, ҳамзамон баланд бардоштани дараҷаи маълумотнокии онхо оид ба мафҳум ва моҳияти навоварию ихтироъкорӣ ва иттилоотонии онҳо вобаста ба соҳа санаи 15.05.2025 аз ҷониби Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон семинар-машварат дар мавзуи “Асосҳои моликияти зеҳнӣ-ихтироъ ва ҳифзи ҳуқуқи он” баргузор гардид.

Дар кори он муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, дотсент Рафиев Сафархон, директори китобхонаи давлатии патентию техникии муассисаи давлатии “Маркази миллии патенту иттилоот” Холиқов Тоҳир, намояндагони муассисаи мазкур ва ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ иштирок доштанд.

Дар оғози семинар муовини ректори донишгоҳ оид ба илм ва инноватсия, дотсент Рафиев Сафархон баромад намуда, меҳмононро хайрамакдам гуфт ва баргузории чунин чорабиниҳоро барои рушди ҷаҳонбинии илмии ҷавонон ва баланд бардоштани савияи иттилоотии онҳо дар самти ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ муҳим арзёбӣ намуд. Номбурда инчунин аз мазмуну муҳтавои мавзуи семинар ва нақши он дар шароити ҷаҳони муосир ёдовар шуд.

Сипас, Холиқов Тоҳир - директори китобхонаи давлатии патентию техникии муассисаи давлатии “Маркази миллии патенту иттилоот” дар мавзуи “Асосҳои моликияти зеҳнӣ”, Шарипов Соатулло - сармутахассис-коршиноси раёсати санҷиши давлатии ихтироот ва намунаҳои саноатии марказ дар мавзуи “Ихтироъ, мафҳум, моҳият ва ҳифзи ҳуқуқии он” ва Сафаралиев Ҳусейн-ходими калони илмии раёсати мазкур дар мавзуи “Тартиби гузронидани ҷустуҷуи мавзуӣ-иттилоотӣ” баромад намуд.

Иштирокчиёни семинар дар қисмати музокира бо саволу пешниҳодҳо баромад намуда, аз ҷониби мутахассисон посухҳои мушаххас гирифтанд.

# МУЖДАИ ИЛҲОМБАХШ



Омӯзгорӣ пешаи заҳматталаб ва дар айни замон пуршараф мебошад. Омӯзгорон равшанибахши зиндагӣ ва фаъолони ҷомеаанд ва саҳми онҳо дар тарбияи насли наврас ва ҷавонон бузургу мондагор аст.

Ин аст, ки сол то сол дар ҷомеаи кунунии мо қадру манзалат ва мартабаю мавқеи омӯзгор баланд мегардад. Марбут ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти муаззами Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (28.12.2024) таъкид доштанд, ки «Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арзу эҳтиром гузоштанро аз масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромии сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халолдор мегардад. Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад».

Мо шоҳиди онем, ки Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми кунунии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешравии ҳама бахшҳои ҳаёти мардуми кишварамонро нақшбандии мушаххас намуданд. Ҳамасола Пешвои миллат ба рушди соҳаи маориф диққати махсус дода, таваҷҷуҳи беандоза равона менамоянд. Бинобар ин, мо омӯзгорон ва олимонро зарур аст, ки дар пайи иҷрои Паёми мазкур саъю кӯшиш намуда, рушди илми кишварро, махсусан, технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсиониро ба сатҳи баланд бардорем. Ин Паём дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсию фарҳангӣ ва раҳнамун барои ояндаи наку ва рушди мамлакатамон заминаи амалӣ мегузорад. Инчунин, масъалаҳои калидӣ, аз ҷумла, саноатикунонӣ, беҳдошти маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалиро фарогир буда, зарурати истифодаи самараноки захираҳои таъмини суботи иҷтимоӣ ва рушди технология таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуданд.

Мо аҳли ҷомеа барои татбиқи пурраи ҳадафҳои Паём кӯшиш бар он намоем, ки Тоҷикистони азизамонро барои расидан ба қуллаҳои баланди сиёсати дохилию хориҷии кишвар, тантанаи давлатдории миллӣ, амалӣ шудани орзуҳои таърихи мардуми шарифи тоҷик расонем. Дар робита ба ин, дар Паём рақамҳое, ки аз ҷониби Сарвари кишвар садо доданд, аз пешравӣ ва рушду нумуи соҳаҳои гуногуни сарзамини озоду ободамон ва аз паст рафтани сатҳи камбизоатӣ ва болоравии илму маориф шаҳодат медиҳанд.

Паёми ҷадиди Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар саршор аз меҳру муҳаббату ғамхорӣ ба тамоми қишрҳои аҳолӣ буда, соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фарогир буд. Дар Паём Сарвари давлат оид ба як қатор масъалаҳои мубрами рӯз суханронӣ намуданд. Аз ҷумла, дар мавриди дастгирии занону бонувон чунин баён доштаанд: Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат бо мақсади дастгирии занону бонувон ва баланд бардоштани мавқеи онҳо дар ҷомеа бисёр тадбирҳои судмандро амалӣ намуд. Қобили зикр аст, ки зинаи таҳсилоти томактабӣ заминаи асосии солимии насли наврас, ояндаи ҷамъият ба шумор меравад. Занон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ на танҳо омӯзгор, балки чун модари ғамхору дилсӯз фаъолият карда, дар қатори дигар муассисаҳои кишвар ҳамчун қувваи пешбарандаи ҷамъият ва давлат софдилона хизмат карда истодаанд. Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ забономӯзии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ як мушкилоти асосӣ ба шумор мерафт, зеро мутахассисон забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла, русию хориҷӣ ва амсол ба инҳо намерасиданд. Бо ташаббуси Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ забономӯзии кӯдакон ба роҳ монда шуд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон низ ба Маҷлиси Олӣ марбут ба ин масъала иброзу ақида намуда буданд: «Авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи мунтазам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд. Омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, аз ҷумла, таҳсилоти томактабӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад».

Ин таъкидҳо моро водор месозад, ки Паёми имсоларо сарчашмаи фаъолияти омӯзгории хеш қарор дода, барои боз ҳам хубтар ба роҳ мондани таълиму тарбияи насли наврасу ҷавонон саъю кӯшиш намуда, барои дар амал татбиқ намудани ин масъулияти баланд камари ҳиммат бандем.

Ҷиҳати рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар ва амалисозии лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузории давлатӣ, инчунин, татбиқи нақшаву барномаҳои миллӣ, соҳавӣ ва амалӣ дар панҷ соли охир аз ҳисоби буҷети давлат ва сармояи дохилию хориҷӣ зиёда аз 197 миллиард сомонӣ равона карда шуд. Дар се соли охир дар мамлакат беш аз 1500 иншооти соҳаи маориф, яъне муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ, 660 иншооти соҳаи тандурустӣ 480 иншооти варзишӣ 175 иншооти фарҳангу фароғат ба истифода дода шудаанд. Даромади пулии аҳолӣ аз 48 миллиард сомонии соли 2019- дар соли 2024 ба 147 миллиард сомонӣ расид. Яъне нишондиҳандаи мазкур 3 баробар зиёд гардида, музди миёнаи меҳнат беш аз 1,8 баробар ва андозаи миёнаи нафақа 1,5 баробар афзоиш ёфт. Тавассути амалисозии тадбирҳои зарурӣ, дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани таваррум таъмин гардида, соли 2024-ум 3,6 фоизро ташкил дод. Сарвари давлат таъкид намуданд, ки то охири соли 2025 пардохти ғайринақдӣ дар соҳаҳои буҷетӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ пурра таъмин карда шаванд.

Маоши вазифавии соҳаи томактабӣ 30% зиёд карда шуд. Инчунин, муассисаҳои соҳаи маориф, варзиш тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои буҷетӣ, стипендияҳо 20% зиёд карда шуд.

Дар соҳаи маориф 3670 муассисаи нави таҳсилоти миёнаи умумӣ, 262 муассисаи томактабӣ ва 35 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сохта ба истифода дода шуд.Вобаста ба ин, мо омӯзгорон ифтихор аз он дорем, ки маоши вазифавии мо сол то сол зиёд шуда истодааст ва зери ҳавои сулҳу суботу амну осиштагӣ кору фаъолият намуда истодаем.

Айни замон дар кишвар 65 литсейи касбии техникӣ, яъне муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, бо 23 500 хонанда ва курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ дар назди онҳо бо 12 000 хонанда, инчунин, 88 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ бо 106 000 донишҷӯ фаъолият доранд.

Истифодаи Паёми кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар дарсҳо, хосатан, дар соатҳои тарбиявӣ ва чорабиниҳои гуногуни беруназзинфӣ ба аҳамияти калони тарбиявию сиёсӣ молик буда,бо назардошти вазъи мураккабу печидаи ҷаҳони имрӯза таҳия ва ба нақшаи мавзуъҳои тарбиявӣ ворид намудани масъалаҳои гуногуне, ки дар Паём инъикос ёфтаанд, талаби даврy замон мебошад. Бахусус, роҳандозӣ ва корбандӣ намудани чорабиниҳои тарбиявӣ марбут ба масоили ватандӯстию хештаншиносӣ, дӯст доштани ватан ва ҳифзи ҳар як ваҷаби хоки он, нагаравидан ба ҳизбу гурӯҳҳои ифротгароёна, расидан ба қадри илму дониш ифтихор аз таърихи гузаштаву ҳозираамон ва амсоли инҳо ба мақсад мувофиқ мебошад.

Бо дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти муаззами Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо мазмуни таҳсилот ба куллӣ тағйир ёфтааст, балки муассисаҳои таълимӣ ба худ шакл ва мазмуни нав пайдо карда, давра ба давра ба талаботи имрӯзаи давр мутобиқ гардонида шудаанд.

Сарвари кишвар дар бобарии таваҷҷуҳи хосса доштанашон ба рушду пешрафти соҳаи маориф ба инкишофи илм низ диққати ҷиддӣ равона намуданд. Натиҷаи чунин ғамхориҳо дар соҳаи илму маориф аз ҷониби Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки Паёми навбатӣ омили пешрафти соҳаи илму маорифи кишвар гардид.

Пешвои миллат дар Паёми хеш «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати давлатӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ (15.01.2025) ба ҷалби ҷавонон ҳамчун қувваи пешбарандаи ҷомеа дар ҳама қишрҳои ҳаётӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онҳоро идомадиҳандаи кору пайкори насли калонсол дониста, таъкид бар он доштанд, ки маҳз фаъолияти фардори кишвари соҳибистиқлоламон аз онҳо вобастагӣ дорад ва бар души ҷавонон аст.

Президенти мамлакат ба қуввaю нерӯи ҷавонон бовари комил доранд ва марбут ба ин масъала дар суханрониашон зикр намуданд: «Мо аз ҷавонони кишвар умеди бузурге дорем, ташаббусҳои созандаашонро минбаъд низ ҳамаҷониба дастгирӣ мекунем ва аз фаъолияти онҳо ба хотири рушду таҳкими давлатдории миллиамон ҳамеша қадрдонӣ менамоем».

Аз ин рӯ, дар тақвияти гуфтаҳои сарвари кишварамон ба мо омӯзгорон зарур аст,ки дар тарбияи насли наврасу ҷавонон ҷиддӣ бошем ва онҳоро дар рӯҳияи илму фарҳангдӯстӣ, меҳру садоқат доштан ба Ватану ватандӯстӣ, дур будан аз ифроту ифратгароӣ ва амсоли инҳо тарбия намуда, фарзандони содиқи ватанро ба воя расонем.

*Бунафша Мирзоева,*
*Бобохон Ҷӯраев,*
*омӯзгорони факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги донишгоҳ*

Барои он ки ба оянда бирасӣ, аз гузашта омӯз.
Наполеон



# БО ТЕРРОРИЗМУ ИФРОТГАРОӢ МУБОРИЗАИ БЕАМОН БОЯД БУРД!

Дар замони муосир мубориза бар зидди зуҳуроти номатлуби ҷомеа, аз ҷумла бо терроризму ифротгароӣ андешидани тадбирҳои таъхирнопазирро тақозо менамояд, зеро рушди бесобиқаи технологияҳои иттилоотӣ, таваҷҷуҳи қишрҳои гуногуни аҳолӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ ин равандро густариш дода, шаҳрвандони бемаърифату беидрок соатҳои тӯлонӣ пушти роёна ва таблуи телефонҳо вақти пурқимати худро ба тамошои маводи интернетии пур аз фисқу фуҷур ва шаҳвату даъватҳои ноҷову беасоси душманони миллат, ки дар хориҷи кишвар бар ивази чанд маблағгузории “хоҷагонашон” бо ҳар роҳу восита чунин барномаву аксҳову суханрониҳои номатлубро интишор мекунанд, дода шуда, мағзшуста ва ҳувиятбохта мегарданд.

Имрӯз вазъияти хатарбори ҷаҳонӣ тақозо менамояд, ки инсоният бори дигар ба арзишҳои маънавӣ аз қабили инсондӯстӣ, хайру саховат, ватандӯстӣ, садоқату вафодорӣ ба марзу буми ниёгон, виҷдон ва монанди инҳо арҷгузорӣ намояд. Аммо, мутассифона, то ба имрӯз дар ҷомеа афроде ҳастанд, ки ин гуна арзишҳои умумибашариро нодида гирифта, баҳри амалигардии манфиатҳои ғаразнок ва нопоки хеш ба рӯзгори ободу осоиштаи мардум халал ворид кардан мехоҳанд.

Мусаллам аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо татбиқи андешамандонаи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат бо экстремизм ва терроризм ҳамчун санади хусусияти барномавидошта тамоми тадбирҳоро баҳри пешгирии ин хатарҳои глобалӣ роҳандозӣ намуда, дар сафи пеши мубориза зидди хатару таҳдидҳои муосир қарор дорад. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди ифротгароӣ", ки мақсад аз қабули он пеш аз ҳама, риоя кардан ва ҳимоя намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, асосҳои сохти конститутсионӣ, таъмини якпорчагӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, “ифротгароӣ зуҳуроти аз ҷониби ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар шакли амалҳои воқеан чапгаро инъикосёфта мебошад, ки ба бенизомӣ, тағйири сохти конститутсионӣ дар мамлакат, ғасби ҳокимият ва аз худ кардани ваколатҳои он, барангехтани низои нажодӣ, миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ даъват мекунад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар раванди мубориза бо зуҳуроти номатлуби ҷомеа зарурати роҳандозӣ намудани чорабиниҳои пешгирикунанда, огоҳнамоии аҳолӣ, ошкор ва бартараф намудани тамоюлҳои ба ифротгароӣ мусоидаткунанда, аз ҷумла пешгирии тақлидкорӣ дар либоспушӣ, бегонапарастӣ, ҳатто таъсир расонидан дар ҳолатҳои ба ҷо наовардани муомила ва муоширати хуби шаҳрвандон бо атрофиён, ки аз нишонаҳои терроризму экстремизм мебошанд, ба миён меояд, ки муборизаи дастаҷамъонаи аҳли ҷомеаро талаб менамоянд.

Ҳамин аст, ки ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи башарӣ Ҷумҳурии




Тоҷикистон, аз он давлатҳое ба шумор меравад, ки зидди ифротгароӣ ва терроризм муборизаи беамон мебарад. Дар ин раванд, миёни қишри аз ҳама сернуфуз ва осебпазири ҷомеа, миёни ҷавонон, ки ояндасозони миллат ҳастанд, пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ ва чорабиниҳои гуногуни фарҳангию маърифатӣ гузаронида мешавад, то насли ҷавон аз тамоми амалҳои номатлуб, бахусус аз ифротгароиву терроризм дур бошад, зеро рушди босуръати ҷомеаи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол аз илму донишандӯзии ҷавонон, соҳибхираду бозаковат ба камол расидани ин қишри ояндасоз вобаста аст.

Маҳз ин тадбирҳои ҳидоятгарона ба ободкориву созандагӣ нигаронидашуда, дар замири ҷавонон меҳру муҳаббатро ба Ватани аҷдодӣ тақвият бахшида, онҳоро ба анҷом додани амалҳои шоиставу сазовор таҳрик медиҳад.

Дар ин росто, ба ҷавонону наврасон омӯзонидани арзишҳои ахлоқу одоб аз нахустин рӯзҳои таваллуд ва минбаъд таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир кардан ба камолоти фарзандон дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилотӣ, ҷалби онҳо ба машғулиятҳои варзишӣ, мактабҳои рассомию мусиқӣ ва китобхонӣ, тақвияти корҳои тарбиявӣ ҷиҳати дар руҳияи инсондӯстӣ дар муносибат ба атрофиён, новобаста ба тамоюли иҷтимоӣ, этникӣ, динӣ ва ҷинсии ҷавонон, таъсиси ҷойҳои корӣ бояд дар маркази таваҷҷуҳи оила, аҳли маориф ва ҷомеа қарор бигирад.

Дар баробари ин, имрӯз тақозо мегардад, ки ҳар як фарди кишвар муборизаро бар зидди паҳн шудани ҳар гуна ҳаракатҳои ифротӣ вусъат бахшад. Миёни ҷавонон тарбияи ватандӯстиро ба таври пуртаъсиру густурда ба роҳ монда онҳоро ба зиракию таҳаммулгароӣ даъват намоем.

Мо мардуми тоҷик таърихи қадима ва ибратомез дорем, пас моро мебояд, аз ин фазои тинҷу осоишта, ки умр ба сар мебарем, шукргузор бошем, ба қадри истиқлолият ва ваҳдати комили бадастовардаи Тоҷикистони азиз расида бошем. Хоку оби Ватани азизамонро гиромӣ шуморида, роҳ надиҳем, ки нохалафе фикру ақидаи бадхоҳонаю ифротгароӣ худро рӯи кор орад, нагузорем, ки ҳар гуна ақидаҳои носолим, ташвиқотҳои нодуруст роҳ ба ҳаёти осоиштаи мардуми кишварамон латма ворид созад.

Дар ин самт моро мебояд, ки иродаи матин ва шикастнопазирро нисбати чунин падидаҳои хавфнок, чӣ дар сатҳи саросарии миллӣ ва чӣ дар сатҳи фардиву иҷтимоӣ мустаҳкам намоем. Ин ирода бар он асос меёбад, ки мо пеш аз ҳама, манфиатҳои волои Ватанро аз манофеи дигари равияву ҳизбӣ ва табақавию маҳаллӣ бартару болотар гузорем.

Дар ин росто, мебояд, ки таъкидҳои сарвари давлатамонро пайваста ҷонибдорӣ намуда, зиракии сиёсиро аз даст надиҳем ва барои ҳимояи амният, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, волоияти қонун ва оромиву осудагии кишвари маҳбубамон ҳамеша омода бошем, то якпорчагӣ ва истиқлолияти Тоҷикистони азизамонро аз ҳар гуна падидаҳои номатлуб эмин нигоҳ дорем.

Дар ин замина, набояд фаромӯш кард, ки ҳар як фарди ҷомеа-аз роҳбар то шахси одӣ-дар амнияти кишвар саҳми хос дорад. Агар мо хоҳони зиндагии осоишта, давлати пешрафта ва насли солиму бедордил бошем, бояд муқовимат ба ҳама гуна зуҳуроти ифротиро ба як рисолати шаҳрвандии худ табдил диҳем. Ҳар сухани нек, ҳар амали хайр ва ҳар тарғиби арзишҳои милливу динӣ метавонад дар қалби як ҷавон нури ҳақиқатро фурӯзон кунад ва ӯро аз роҳҳои номатлуб боздорад.

Ҳамзамон, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва паҳншавии бесобиқаи иттилоот, омӯзиши васоити муҳофизати иттилоотӣ, баланд бардоштани саводи расонаӣ ва таҳкими нерӯи тафаккури интиқодӣ миёни аҳолӣ, махсусан ҷавонон, ба як зарурат табдил ёфтааст. Танҳо дар сурати доштани чунин малакаҳо метавон ба ташвиқоти бадхоҳон муқобилат кард ва насли солимро аз доми гурӯҳҳои ифротгаро эмин нигоҳ дошт.

Нақши оила, мактаб, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва васоити ахбори омма дар тарбияи маънавии наслҳо бузург аст. Агар ҳамаи ин ниҳодҳо бо ҳамкорӣ ва садоқат фаъолият баранд, метавонанд дар ташаккули шахсияти бедордил, ватандӯст ва дорои масъулияти иҷтимоӣ саҳми муассир гузоранд. Танҳо бо чунин якпорчагӣ ва садоқат ба Ватан аст, ки мо метавонем зидди ҳар гуна таҳдидҳои замони муосир муваффақона муқовимат намоем ва муҳити амну осоиштаи Тоҷикистони соҳибистиқлолро ҳифз кунем.

Танҳо бо иттифоқи дили мардум, дастгирии сиёсати давлат ва ҳушёриву зиракии ҳамешагӣ метавонем дар муқобили ҳама гуна таҳдидҳо истодагарӣ намоем ва дар таҳкими сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва амнияти Тоҷикистони маҳбуб саҳмгузор бошем.

*Савронбӣ Раҳимова, дотсенти кафедраи адабиёти хориҷӣ бо МТЗАР*

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соли таҳсили 2022 ба донишҷӯи курси 3-юми факултети филологияи хориҷӣ Намозова Ҳусния (таълими рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит карда шавад.

* * * * * *

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соли таҳсили 2021 ба донишҷӯи курси 4-уми факултети физика ва математика Хоҷаева Мадина (таълими фосилавӣ) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит карда шавад.

* * * * * *

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соли таҳсили 2021 ба донишҷӯи курси 4-уми факултети иқтисод ва идора Мошарифи Пирмад (таълими фосилавӣ) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит карда шавад.

* * * * * *

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соли таҳсили 2021 ба донишҷӯи курси 4-уми факултети иқтисод ва идора Қаҳорзода Салоҳиддин (таълими рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит карда шавад.

* * * * * *

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соли таҳсили 2021 ба донишҷӯи курси 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ Одинаева Шифобону (таълими фосилавӣ) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит карда шавад.

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соли таҳсили 2021 ба донишҷӯи курси 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ Набиев Сиддиқ (таълими фосилавӣ) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит карда шавад.

* * * * * *

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соли таҳсили 2022 ба донишҷӯи курси 3-юми факултети молиявию иқтисодӣ Назаров Шералӣ (таълими фосилавӣ) одааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит карда шавад.

* * * * * *

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соли таҳсили 2021 ба донишҷӯи курси 4-уми факултети физика ва математика Аҳмадов Ҳотамшо (таълими фосилавӣ) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит карда шавад.

* * * * * *

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соли таҳсили 2021 ба донишҷӯи курси 4-уми факултети иқтисод ва идора Саидасрори Ҷалол (таълими фосилавӣ) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит карда шавад.

* * * * * *

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соли таҳсили 2021 ба донишҷӯи курси 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ Саидов Муҳаммадҷон (таълими рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит карда шавад.

Озодӣ подоши пирӯзӣ нисбат ба худ аст.

К. Мати



«Мо ҷавононро барои расидан ба ҳадафҳои созанда ва ба оянда нигаронидашудаи давлат ва Ҳукумати мамлакат қувваи бузург медонем.»

*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон*

# САФИ КОРМАНДОНИ ИЛМӢ МЕАФЗОЯД!

Таваҷҷуҳ ба самти илм ва таҳқиқоти илмӣ аз масъалаҳои меҳварии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар пайравӣ ба сиёсати маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллат Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар самти пеш бурдани корҳои илмию инноватсионӣ чораҳои зарурро роҳандозӣ намудааст. Аз самари ҳамин тадбирандешиҳо дар муассиса мунтазам муҳокимаи рисолаҳои устодони донишгоҳ бо иштироки ҳайати кормандони илмӣ гузаронида мешавад.

* * * * * *



Санаи 25 апрели соли 2025 дар Донишгоҳ муҳокимаи рисолаи диссертатсионии докторанти PhD-и кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ Қурбонов Кароматулло Абдухолиқович дар мавзуи “Таҳлили муқоисавии ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”, зери роҳбарии номзади илмҳои филологӣ, дотсент Холикзода Айниддин барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ баргузор гардид.

* * * * * *



Дар Донишгоҳи 7 майи соли 2025 муҳокимаи рисолаи илмии унвонҷӯйи кафедраи математика ва методикаи таълими они факултети физика ва математика Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович дар мавзуи “Назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ дар шароити муосир”, бо роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сатторов Абдурасул Эшбекович баргузор гардид.

* * * * * *



17 майи соли 2025 дар бинои маъмурии муассиса муҳокимаи рисолаи диссертатсионии докторанти PhD-и кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ Фатозода Аминҷон Тоирҷон дар мавзуи “Ҷанбаҳои когнитивии фраземаҳо ва ибораҳои феълӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”, зери роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, дотсент Каримзода Шуҳрат Бозор барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) баргузор гардид.

* * * * * *



Санаи 17 майи соли 2025 дар Донишгоҳ муҳокимаи рисолаи диссертатсионии докторанти PhD-и кафедраи менеҷмент ва маркетинг Абдусаломзода Давлаталӣ дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳо (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон)”, зери роҳбарии номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Наврӯз Носирӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100-Маркетинг (6D051101-Маркетинг) баргузор гардид.

***Дар рафти муҳокимаҳо муқарризон ҳусну қубҳи рисолаҳои илмиро арзёбӣ намуда, ҷиҳати боз ҳам такмил додани диссертатсияҳо пешниҳоду тавсияҳои худро ироа карданд. Ҳамин тариқ, рисолаҳои илмии муҳаққиқон бо дарназардошти тавсияҳо анҷомёфта ҳисобида шуда, барои муҳокимаи давраҳои баъдӣ тавсия карда шуд.***

***Раёсати Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ин дастовардҳои илмиро ба муҳаққиқон ва роҳбарони илмии онҳо табрику муборакбод гуфта, дар фаъолияти минбаъдаашон муваффақиятҳои нав ба нав орзу менамояд.***

# ЗОДРӮЗ ХУҶАСТА БОД!

Раёсат, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи «Анвори дониш» омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки дар моҳи майи соли ҷорӣ ғунчуни таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани неруманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ БАХТ ва ХИЗР кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!

Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон муваффақият пайваста амалӣ гардад.

1. *РАҲМАТОВ ДОСТӢ, 01.05.1952, муаллими калони кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ;*
2. *АКРАМОВА РУХШОНА, 01.05.1973, н.и.ф-м., мудири кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ;*
3. *ИБРОҲИМ ГРЕЗ, 03.05.1942, н.и.п., дотсенти кафедраи педагогика;*
4. *ҶАЛИЛОВ ҒОЛИБ, 03.05.1984, муаллими калони кафедраи мудофияи гражданӣ ва ОДҲ;*
5. *ҲАФИЗЗОДА АЛИШЕР, 04.05.1992, мутахассиси бақайдгирӣ, тестӣ ва таҳсилоти фосилавӣ ;*
6. *КАРИМОВ ГАДОМАД, 05.05.1961, муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодӣ;*
7. *КАРИМЗОДА ИСРОИЛ, 05.05.1989, ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷик;*
8. *ҲУСАЙНОВА ФАРИДА, 05.05.1991, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ;*
9. *АЛИЕВ ДИЛШОД, 06.05.1975, ассистенти кафедраи забони русии умумидонишгоҳӣ;*
10. *НАЗАРОВ МУРОДАЛӢ, 07.05.1990, н.и.и., мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ;*
11. *ҲИСАЙНОВ ДАЛЕР, 08.05.1989, н.и.б., муаллими калони кафедраи биология ва методикаи таълими он;*
12. *ҒУЛОМОВ ИСЛОМ, 09.05.1939, д.и.п., профессори кафедраи математика ва методикаи таълими он;*
13. *СИТОРАИ АБДУРАСУЛ, 09.05.1990, ассистенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон.;*
14. *ОДИНАЕВА АДИБА, 10.05.1989, корманди хоҷагӣ;*
15. *МАҲМУДОВ БАҲРИДДИН, 11.05.1971, н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ;*
16. *ҲУСЕЙНОВ РУҲУЛЛО, 12.05.1989, муаллими калони кафедраи математика ва методикаи таълими он;*
17. *СУЛАЙМОНОВ УБАЙДУЛЛО, 12.05.1992, мутахассиси шуъбаи ТАКИП;*
18. *ТЕШАЕВ МИРЗОШАРИФ, 14.05.1986, н.и.и., муовини декан оид ба таълими ғоибонаи факултети молиявию иқтисодӣ;*
19. *ХОҶАЕВ ИСРОИЛ, 14.05.1993, ассистенти кафедраи химия ва методикаи таълими он;*
20. *БОБОХОНОВА ФОТИМА, 15.05.1972, сардори шуъбаи музди меҳнат;*
21. *САНГИМАДОВ ФАРӮХ, 15.05.1979, муаллими калони кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ;*
22. *ЛУТФИЯИ ҶУРАХОН, 15.05.1992, н.и.п., муаллими калони кафедраи МТФ ва ТМ;*
23. *ҚУРБОНЗОДА РУДОБА, 15.05.1995, муаллими калони кафедраи забони тоҷикӣ;*
24. *ФАЙЗИЕВ ПУЛОД, 17.05.1964, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;*
25. *МУСОЕВА ҶАМОЛБӢ, 17.05.1965, ассистенти кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ;*
26. *ШАРИПОВ АЛАМШО, 17.05.1980, н.и.т., и.в. дотсент, мудири кафедраи илмҳои компютерӣ;*
27. *ҲОФИЗОВ АЛИШЕР, 18.05.1988, н.и.п., дотсенти кафедраи методикаи таълими информатика;*
28. *ҶАҲОНГИР РУСТАМШО, 18.05.1988, н.и.ф., и.в. дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон;*
29. *КАРИМОВ МАҲДӢ, 19.05.1966, корманди хоҷагӣ;*
30. *ТОИРОВ ШЕРМАД, 20.05.1963, муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон;*
31. *АМИРХОНОВА МАНЗУРА, 20.05.1989, корманди хоҷагӣ;*
32. *МИРЗОЕВ НЕКҚАДАМ, 21.05.1994, муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ;*
33. *БОБОХОНОВА МОСАФАР, 22.05.1968, ассистенти кафедраи мудофияи граждани ва ОДҲ;*
34. *НАЗИРМАДОВА МАЙДАМО, 22.05.1973, корманди хоҷагӣ;*
35. *ОЛИМОВ НЕЪМАТ, 27.05.1959, корманди хоҷагӣ;*
36. *ҲАСАНЗОДА БАХТИЁР, 27.05.1981, сармутахассиси раёсати тарбия;*
37. *ШАРИФОВА ЗАМИРА, 29.05.1976, лаборанти калони кафедраи математика ва методикаи таълими он;*
38. *ҶОБИРОВ ШОКИРҶОН, 29.05.1991, ассисенти кафедраи сиёсатшиносӣ;*
39. *АФИЗОВ СУҲРОБ, 30.05.1988, муаллими калони кафедраи методикаи таълими информатика;*
40. *ШОИНОВ ҲАСАН, 31.05.1957, мутахассиси осорхона;*
41. *СИРОҶОВА ТАХМИНА, 31.05.1981, муаллимаи калони кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ;*

*Таҳияи раёсати кадрҳо ва корҳои махсус*

ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ
АНВОРИ ДОНИШ

МУАССИС:
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
САФАРЗОДА МУНИР ВАТАН,
*номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*
ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО,
*доктори илмҳои фалсафа, профессор*
АБДУСАМАДЗОДА ЭРАҶ,
*номзади илмҳои филологӣ, дотсент*
ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ,
*номзади илмҳои филологӣ, дотсент*
ҒУЛОМОВ ИСЛОМ,
*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД,
*доктори илмҳои таърих, профессор*
МИРЗОЕВ САЛИМ,
*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
РАФИЕВ САФАРХОН,
*номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
ЗУЛФИЕВ ГАДОМАД,
*номзади илмҳои филологӣ, дотсент*

САРМУҲАРРИР:
МУҲАММАДҶОНИ АБДУВОҲИД

ТАРРОҲИ КОМПЮТЕРӢ:
ИБРОҲИМИ ЮСУФ

ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад. Рӯзнома на ба ҳама афкори муаллифон мувофиқ аст ва андешаҳои мухталифро ба хотири риояи гуногунандешӣ ба табъ мерасонад.

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар маколоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома маҳсуб намешавад.
Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДММ “Мега-принт” ба табъ расидааст.
Сифати чопи рӯзнома ба дӯши матбаа аст.
Адади нашр: 5000 нусха

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №364/РЗ-97, 31.03.2023 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Мавод бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд.
Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНӢ:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: қорӣ: (83322) 3-31-15,
мобилӣ: 988-12-32-34; 555-57-59-63

БО МО ҲАМРОҲ БОШЕД!
СОМОНА | FACEBOOK